# Ал-Калимуттаййиб

**Маҷмӯъаи номаҳои**

ҳазрати **Мансури Ҳошимии Хуросонӣ**
ҳафизаҳуллоҳ таъоло

بسم الله الرحمن الرحيم

**Китоб:** Ал-Калимуттайййиб; Маҷмӯъаи номаҳои ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло
**Ношир:** Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло
**Нусхаи:** Якум
**Замони интишор:** 26 март 2019
**Макони Интишор:** Душанбе; Тоҷикистон

## Ҳушдор!

Ин китоб вақфи бар мусалмонон аст ва шаръан қобили фурӯш нест, вале чоп ва нашри он, машрут ба ҳифзи комили муҳтавои он ва ҳуқуқи маънавии нависанда, ба сурати роягон ё бидуни дарёфти суд, ҷойиз аст.

# Ал-Калимуттаййиб

Маҷмӯъаи номаҳои

ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

## Сухани ношир

Худоеро сипос мегузорем ки моро ба бардоштани гомӣ дигар дар роҳи нашри маъорифи Исломи ноб ва муъаррифии дини холис ба ҷаҳониён дар ин рӯзгори пурфитна аз тариқи нашри асарӣ дигар аз осори нуронӣ ва ҳаётбахши ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло –ин бандаи солеҳи худ– муваффақ фармуд.

Китоби пеши рӯ бо номи Қуръонӣ <<Ал-Калимуттаййиб>> ба маънои <<Суханони покиза>>, ганҷинаи арзишманд аз номаҳои навишта шуда тавассути ҳазрати аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло барои шогирдони эшон ва сойири мардум аст ки тавассути дафтари ҳифз ва нашри осори он ҳазрат ба сурати китоб ҷамъоварӣ ва тадвин шудааст то мояи рӯшании чашми толибони илм ва ҳикмат ва таълиму тарбияти мусалмонони ҷаҳон бошад. Бидуни шак ҳамоҳангӣ ва ҳамонандии ин навиштаҳо бо навиштаҳои Паёмбарон ва сиддиқон, бар ҳеҷ хонандаи мунсиф ва мутталеъӣ пӯшида нест ва аз ҳамоҳангӣ ва ҳамонандии андеша, сира ва рӯҳияи ин инсони бузург, бо андеша, сира ва рӯҳияи онон бархоста аст ва аз

шаклгирии шахсияти ӯ бар пояи табаъияти комил аз онон ҳикоят мекунад ва ба рӯшанӣ намоён месозад ки ӯ марде аз табори онон аст ва по бар ҷойи пойи онон мегузорад; Ҳамчунонки на танҳо гуфторҳо ва номаҳои ӯ аз синхи гуфторҳо ва номаҳои онон аст, балки наҳзати амалии ӯ низ истимрори наҳзати амалии онон барои иқомаи Исломи ҳақиқӣ дар ҷаҳон ва мубориза бо зулм ва бидъатҳост.

Умед меравад ки ин маҷмӯъаи омӯзанда ба ислоҳи ақойид ва аъмоли мусалмонони ҷаҳон дар ин қарни пурошӯб кӯмак кунад. Гуфтанӣ аст ки ин маҷмӯъа, ҳар аз чанд гоҳе ба рӯз мешавад ва бо ин васф, барои толибони илм ва ҳикмат шойиста аст ки пайгири он бошанд ва ҷадидтарин нусхаи онро дарёфт кунанд ин шоъ Аллоҳ.

Аз ҳамаи касоне ки арзиши ин гавҳарҳои маънавиро дарк мекунанд, даъват мекунем ки моро дар тарҷума, чоп ва нашри он миёни мусалмонони ҷаҳон, ёрӣ расонанд; Чароки ин кор, бо вуҷуди мухолифатҳо ва сангандозиҳои гуногун, корӣ ба ғоят душвор ва нафасгир аст ва аз ин дафтари мустақил ва мардумниҳод бо тавонойи ва бизоъати ночизаш сохта нест.

# Феҳрест

**Номаи якум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат дар бораи инки бо андешаҳо ва омӯзаҳояш шинохта мешавад, на бо ном ва нишонаш. .......................................... 10

**Номаи дуввум;** Номае аз он ҳазрат барои яке аз ёронаш ки дар он ӯро панд медиҳад ва аз дунёгароӣ бар ҳазар медорад. .......................................... 13

**Номаи севвум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он мусалмононро аз но огоҳӣ бар ҳазар медорад ва ба сӯӣ касби илм ва шинохти ҳақ ва ботил фаро мехонад. .... 20

**Номаи чаҳорум;** Фарозӣ дигар аз номаи он ҷаноб ки дар он бар зарурати шинохти ҳақ ва ботил пой мефишорад. .......................................... 34

**Номаи панҷум;** Номаи панҷум ؛Фарозе аз номаи он ҳазрат дар бораи зарурати меъёри шинохт ва камоли он .......................................... 36

**Номаи шашум;** Номае аз он ҳазрат ки дар он ёрони худро панд медиҳад. .......................................... 38

**Номаи ҳафтум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат дар некуҳиши олимони замон .......................................... 44

**Номаи ҳаштум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он мардумро аз гумроҳӣ бим медиҳад ва ба шинохти ҳақ ва

пазириши он фаро мехонад. ........................................ 46

**Номаи нуҳум;** Номае аз он ҳазрат дар ташбеҳи кори худ барои Маҳдӣ ба кори Муслим ибни Ақил барои Ҳусейн ........................................................................ 49

**Номаи даҳум;** Номае аз он ҳазрат ки дар оғози ҳаракати худ навишт ва дар он мақсуди худро барои ҷаҳониён табйин кард. ................................................ 51

**Номаи ёздаҳум;** Номае аз он ҳазрат дар тавсифи адолат ва даъват ба сӯи итрат ва аҳли байти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ...................... 53

**Номаи дувоздаҳум;** Фарозҳое аз номаи он ҳазрат дар некуҳиши ҳокимони золим ва олимони вобаста ба онон ........................................................................... 64

**Номаи сездаҳум;** Номае аз он ҳазрат барои яке аз ёронаш ки дар он ӯро панд медиҳад ва аз разоъили ахлоқи барҳазар медорад. ........................................ 72

**Номаи чаҳордаҳум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он ба сӯи ҳукумати Худованд даъват мекунад ва аз ҳукумати ғайри Ӯ боз медорад. ................................. 74

**Номаи понздаҳум;** Ду нома аз он ҳазрат дар бораи аҳкоми хумс ........................................................... 82

**Номаи шонздаҳум;** Номаи арзишманд аз он ҳазрат ки ҳовии си дастури ахлоқӣ аст. .................................... 84

**Номаи ҳабдаҳу;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз аҳли Помпей ёд мекунад ва пайравони шаҳавотро бим медиҳад. ................................................................. 88

**Номаи ҳаждаҳум;** Номае аз он ҳазрат дар бораи сувгворӣ барои аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алаҳйи

ва олиҳи ва саллам ва аҳкоми он ................................ 91

**Номаи нуздаҳум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз фарҷоми гузаштагон ёд мекунад ва ба ҳокимони замин ҳушдор медиҳад. ............................................. 95

**Номаи бистум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз рӯзи растохез ёд мекунад ва аз фарҷоми дунёгарои бим медиҳад. ......................................................... 101

**Номаи бисту якум;** Номае аз он ҳазрат дар бораи аҳкоми намози маййит ............................................ 104

**Номаи бисту дуввум;** Фарозе аз номаи он ҳазрат барои марде ки дар он аҳволашонро васф мекунад ва аз оқибати корашон бим медиҳад. ............................... 108

# Номаи якум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат дар бораи инки бо андешаҳо ва омӯзаҳояш шинохта мешавад, на бо ном ва нишонаш.**

Бандаи солеҳи Худованд Мансури Ҳошимии Хуросонӣ, дар сароғози номаи худ ба мусалмонони Порсӣ, пас аз ситойиши Худованд ва дуруд бар Паёмбараш навишт:

<<Ва аммо баъд.. эй гурӯҳи хирадмандон! Эй бародарон ва хоҳарони мусалмон! Бо шумо дар бораи шумо сухан мегӯям. Оё суханамро мешунавед ва дил месупоред ё гӯши худро мегиред ва раҳ месупоред?! Ба Худо савганд агар душмани инсон барои ӯ номае бинависад, ӯ онро бо диққат мехонад то бидонад ки душмани ӯ барояш чи навиштааст, дар ҳоле ки ман дӯсти дилсӯз ва бародари хайрхоҳи шумо ҳастам ва сазовортарам то бидонед барои шумо чи навиштаам. Агар шумо манро намешиносед ман шуморо мешиносам ва агар шумо манро дӯст намедоред ман шуморо дӯст медорам. Ба суханам гӯш биспоред ва напурсед ки кистам; Чароки кистии инсон дар сухани ӯ ошкор мешавад ва оқил ба сухан менигарад на ба гӯяндаи он! Чи бисёр сухани росте ки кӯдаке гӯяд ва чи бисёр сухани дурӯғе ки бузургон гӯянд! Сухани рост, рост аст агар чи кӯдаке гӯяд ва сухани дурӯғ, дурӯғ

аст агар чи бузургон гӯянд! Аз ин рӯ, агар суханеро бишносед, нашнохтани гӯяндаи он ба шумо зиёне намерасонад, ҳамчунонки агар суханеро нашносед шинохтани гӯяндаи он ба шумо суде намерасонад! Пас ба суханам гӯш биспоред то манро бишносед; Чароки инсон дар зери забони хеш пинҳон аст ва касе шинохта намешавад то онгоҳ ки ба сухан дарояд. Шумо гӯш дода нашудаед магар барои шунидан ва чашм дода нашудаед магар барои дидан ва ақл дода нашудаед магар барои тамйизи ончи мешунавед ва мебинед ки кадомин рост ва кадомин нораст аст. Пас суханамро бо гӯши худ бишнавед ва бо ақли худ баррасед то агар рост буд бипазиред ва агар нораст буд напазиред. Худованд ба шумо тавфиқ диҳад; Чароки шайтон мехоҳад шумо нашунавед то надонед ва надонед то бадбахт шавед ва оё бадбахтӣ ҷуз дар паӣ нодонӣ аст?! Ман медонам касоне ки пеш аз ман будаанд, сухан, бисёр гуфтаанд ва шуморо ранҷондаанд; Чароки бисёрӣ аз суханони онон дурӯғ будааст ва чизҳое гуфтаанд ки ба он донише надоштаанд ва гурӯҳе аз онон касоне ҳастанд ки шуморо намехоҳанд магар барои худҳояшон ва сухан намегӯянд магар барои фиреб. Шуморо ба сӯӣ ҳаққе фаро мехонанд ки худ аз он бегонаанд ва барои шумо хайре мехоҳанд ки худ аз он бебаҳраанд! Инон динро такягоҳе барои қудрат ва охиратро дастовезе барои дунё кардаанд; Вагарна, на динро чунонки бояд мешиносанд ва на охиратро чунонки шояд мехоҳанд. Акнун ман барои шумо сухан мегӯям, дар ҳоле ки на умеди қудрате

ва на тамаъи дунёйе дорам. Яке ҳастам аз миёни шумо ки монанди шумо дар замин заъиф шумурда мешавам ва дар паӣ бартарӣ ёфтан бар шумо ё табоҳӣ ангехтан дар замин нестам. Ҷуз ин намехоҳам ки амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, то Худованд ҳар киро хоҳад бишнавонад ва ҳар киро хоҳад кар намояд ва шумо чи медонед?! Шояд чизҳоеро дигаргун созад ва аз рӯӣ чизҳое парда баргирад; Чароки Ӯ бар ҳар коре тавоно ва ба ҳар чизе доност ...>>.

# Номаи дуввум

**Номае аз он ҳазрат барои яке аз ёронаш ки дар он ӯро панд медиҳад ва аз дунёгарой бар ҳазар медорад.**

Абдулло писари Ҳабиб моро хабар дод, гуфт: Ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ барои ман номае навишт ва дар он пас аз номи Худованд ва ситойиши Ӯ ва дуруд бар Паёмбар ва хонадонаш фармуд:

<<Ва аммо баъд ..

Эй Абдуллоҳ писари Ҳабиб! Бидон ки растгорӣ, оқибати парҳезкорон аст ва парҳезкорӣ унвони ибодати Худованд ва ибодати Худованд, ҳамон итоъати Ӯст ва итоъати Ӯ, амал ба воҷибот ва парҳез аз муҳаррамоте аст ки дар китоби худ ва суннати Паёмбараш баён фармудааст. Пас бандагони Худованд, парҳезкороне ҳастанд ки некукоронӣ ростгуфтор ва порсоёнӣ хештандоранд; Онҳо ки дилҳошон аз бими Худованд ларзида ва ба умеди Ӯ дар ҷои худ қарор ёфта; Онҳо ки лабҳошон аз зикри бисёр хушкида ва шикамҳошон аз рӯзаи паёпай лоғар гардида; Онҳо ки нафсҳошон аз доми ҳавас гусаста ва бар рухсорашон ғубори фурутанӣ нишаста; Онҳо ки ёди марг дилҳошонро пардохта ва охират дунёро аз чашмашон андохта; Дағдағаи таколиф, хобро аз онҳо рабуда ва парвои ҳуқуқ, хӯрокро аз онҳо

гирифтааст. Бо ончи мардум гурезонанд, маънусанд ва аз ончи мардум маънусанд, гурезонанд. Медонанд ки ба зудӣ раҳсипори диёри дигаре ҳастанд ва бояд барои ин сафар тӯшае баргиранд. Медонанд ки роҳи дарозе дар пеш доранд ва бояд аз гарданаҳои саъбул убуре бигзаранд; роҳе ки равандагонаш ҳаргиз боз нагаштанд ва гарданаҳое ки гӯйи мусофиронашро балъид. Оҳ ки чи имрӯз ба фардо наздик аст! Пас онҳо дар андешаи ин сафар мегирянд ва худро барои он муҳаё месозанд; Чунонки гӯйи нафасҳои охирро мекашанд ё пеш аз онки бимиранд, мурдаанд.

Эй Абдуллоҳ! Онҳо дунёро шинохтаанд ва арзиши онро санҷидаанд; Пас онро колоӣ бе арҷ ёфтаанд ва аз он рӯй бартофтаанд.

Эй Абдуллоҳ! Ту низ дунёро бишнос; Зеро касе ки чоҳро мешиносад худро дар он намеандозад ва касе ки аз заҳр огоҳ аст онро наменӯшад.

Эй Абдуллоҳ! Ман дунёро ба ту мешиносонам. Дунё чун зане аст ки кобини ӯ марг аст ё руспии бе обрӯйе аст ки учрати ӯ нанг аст. Зинҳор! Ӯро ба ҳамсарӣ нагир ва бо ӯ ҳамбистар нашав; Чаро ки ин бевафо, шавҳаронашро кушта ва меросашонро ба тороҷ бурда ва ошиқонашро хоб карда ва дороишонро ба сирқат бурдааст. Зинҳор! Бо оройиши худ дилатро нарабояд ва бо ишваҳояш туро нафиребад.

Эй Абдуллоҳ! Ман дунёро ба ту мешиносонам. Дунё чун чоҳе аст хушкида ё ба анвоъи наҷосат олуда; Пас

длви худро дар он наяндоз ва онро обишхури худ қарор надеҳ.

Эй Абдуллоҳ! Ман дунёро ба ту мешиносонам. Дунё нардабоне аст фарсуда ки бар он эътимоде нест; Ё сӯрохи морро монд ки ҳар кас дар он даст бурда, газида; Ё мурдоре ки кафторро мехонад ва магасро гирд меоварад, вале шерро меронад ва одамеро нафрат меафзояд.

Эй Абдуллоҳ! Дунё зане аст ки намезояд ва дарахте аст ки мева намедиҳад ва абре аст ки намеборад ва сояе аст ки намепояд. Зинҳор! Онро такягоҳи худ магир; Чароки такя бар дунё, такя бар бод аст ва дӯстӣ бо он дӯстӣ бо гург аст ва бо гург чи касе дӯстӣ тавонад кард?!

Эй Абдуллоҳ! Дунёро дӯст надор; Зеро дунё онро ки беш аз ҳама дӯсташ дошта, вогузоштааст. Агар боварат намеояд ба гузаштагонат бингар; Онҳое ки рӯзгоре дар канорат буданд ва имрӯз асаре аз онҳо нест. Пас саргузашти онҳоро мурур кун ва аз авоқиби онҳо ибрат бигир; Зеро онҳо инсонҳое чун ту буданд ки марг гулушонро гирифт ва қабр, аҷсодашонро балъид ва замон, осорашонро маҳв кард. Оё мепиндорӣ ки ончи бар сари онҳо омад бар сари ту нахоҳад омад?! Чигуна?! Дар ҳолле ки бисёрӣ аз онҳо кудратмандтар аз ту ва бисёрӣ дигар сарватмандтар аз ту буданд ва бо ин ҳол, кудрат ва сарваташон ба онҳо суде нарасонд ва саранҷом ба даруни дарраи марг сарнагун гардиданд. Зинҳор! Муъошират бо зиндагон туро аз мурдагон ғофил накунад, то бо онҳо дар таҳсили мол мусобиқа

диҳӣ ва дар сохтани хонаҳо ва харидани абзорҳо ва гирифтани занҳо ва фуру рафтан дар лаззатҳо; Чароки зиндагон, мурдагони оянда ҳастанд; Ҳамчунонки мурдагон, зиндагони гузаштаанд.

Эй Абдуллоҳ! Чи бисёр хуфтагоне ки барнахостанд ва равандагоне ки боз нагаштанд ва бемороне ки беҳбуд наёфтанд. Ҳамоно ҳар ки зиндааст мемиранд ва ҳар ки мехурад, хӯроки хок мешавад.

Эй Абдуллоҳ! Аз марг ғофил набош; Чароки марг аз ту ғофил нест ва худро барои он муҳаё кун; Чароки намедонӣ дар кадомин лаҳза сар мерасад. Орзуҳои дарозро раҳо кун ва дар пайи хоҳишҳои нафс нарав. На ба иқболи дунё шод шав ва на аз идбори он ғамгин. Маҳори худро аз шайтон бигир ва ба халифаи Худованд дар замин биспор; Чароки шайтон туро ба сӯи оташ меронад ва халифаи Худованд дар замин, туро ба сӯи биҳишт мехонад.

Эй Абдуллоҳ! Ёрони Маҳдӣ касоне нестанд ки маъсияти Худованд мекунанд; Ёрони ӯ касоне ҳастанд ки аз гуноҳони кӯчак ва бузург мепарҳезанд; Шабҳоро ба намоз бар мехезанд ва рӯзҳоро ба таҳсили илм ва таълими он ба дигарон мепардозанд. Ба ваъдаҳои Худованд имон доранд ва аз рӯзи ҷазо меҳаросанд; Рӯзе ки дар пешгоҳи Парвардигор меистанд ва кирдори хешро ҳозир мебинанд. Ёрони Маҳдӣ ба ахлоқи анбиёъи Худо мутахаллиқ ва ба одоби авлиёъи Ӯ муъаддабанд. Ҳақро чун барояшон ошкор шуд мепазиранд ва ботилро чун

барояшон расво гашт во мегузоранд. На мутаъассиб ва лаҷуҷанд ва на бадзабон ва ёвагӯ. Бар Худованд дурӯғ намебанданд ва аз касоне ки бар Ӯ дурӯғ мебананд канора мегиранд. Намозро дар вақти фазилаташ барпо медоранд ва аз моли худ ба ниёзмандон мебахшоянд. Хашми худро фуру мехуранд ва аз ҷафои мардум дар мегузаранд. Падар ва модари хешро гиромӣ медоранд ва бар бад хулқӣ он ду сабр менамоянд. Ба дӯстони худ бо баҳонаи дӯстӣ бе эҳтиромӣ намекунанд ва ба душманони худ бо баҳонаи душманӣ ситам наменварзанд. Бо ҷоҳилон мудоро менамоянд ва бо сафиҳон даҳон ба даҳон намегузоранд. На пургӯӣ ва пурхандаанд ва на пурхоб ва пурхур. Маҳори шаҳватро дар даст доранд ва ҷониби иффатро фуру намегузоранд. На чашмчарон ва беҳаёянд ва на худнамой ва ҳарзагӯй. Бо фосиқон дӯстӣ намекунанд ва бо золимон муҷолисат наменамоянд. Ба корҳои судманд мепардозанд ва вақти худро ҳадар намедиҳанд. Бо китоби Худованд маънусанд ва бо ҳалол ва ҳаром ошноянд. Таъолими олимро мункир намешаванд ва аз душманӣ бо ӯ мепарҳезанд, балки даъваташро иҷобат мекунанд ва ба ёриаш мешитобанд; Ҳангоме ки ононро ба сӯи Маҳдӣ даъват мекунад то барои ёрии ӯ гирди ҳам оварад.

Эй Абдуллоҳ! Оё мепиндорӣ касоне ки даъвати манро иҷобат мекунанд ва ба ёрии ман мешитобанд умедворанд ки ба баҳрае дар зиндагии дунё даст ёбанд?! Чунин нест; Чароки онон медонанд ман дунёе надорам то ба онон бидиҳам ва ба ҳамроҳи ман ҷуз

бедории шаб ва дундагии рӯз нахоҳанд дошт, вале онон биҳиштҳоеро меҷӯянд ки аз зери онҳо наҳрҳо ҷорӣ аст ва аз оташе мегурезанд ки ҳезуми он мардум ва сангҳи гӯгирд аст; Ё мепиндорӣ касоне ки бо ман меситезанд ва ба душманонам ёрӣ мерасонанд умедворанд ки ба баҳрае дар охират даст ёбанд?! Чунин нест; Чароки онон медонанд аз арбоби дунё ҷонибдорӣ мекунанд ва дар хидмати зӯрмандон ва зардоронанд ва насиби онон дар охират ҷуз оташ нест. Пас мардумро вогузор то роҳи хешро интихоб кунанд; Чароки ононро гузире аз интихоб нахоҳад буд.

Эй Абдуллоҳ! Мо имрӯз ба роҳ афтодаем то дайни худ ба Оли Муҳаммадро адо кунем ва ба Худо савганд дар ин роҳ истиқомат меварзем ва аз маломати маломатгаре намеҳаросем. Мақсуди мо аз ин ҳаракат заминасозӣ барои зуҳурӣ Маҳдӣ аст. Мақсуди мо эҷоди имкон барои ҳокимияти ӯст. Пас ҳар ки имрӯз бо мо бошад, фардо низ дар канори мо хоҳад буд ва мо фардо дар канори касе хоҳем буд ки имрӯз ба сӯяш дар ҳаракатем. Пас пешӣ бигиред аз якдигар –Худо шуморо раҳмат кунад–; Чароки бандагони шоистаи Худо ҳастед; Ҳамонҳо ки дар замин заъиф шумурда мешаванд ва Худо намехоҳад ҷуз инки бар онон миннат ниҳад ва ҷаҳонро меросашон қарор диҳад. Пешӣ бигиред аз якдигар дар ёрии марде ки шуморо ба беҳтарин роҳҳо раҳнамун мешавад ва ба беҳтарин равишҳо далолат мекунад ва ба беҳтарин мақосид фаро мехонад, бе онки аз шумо музде биталабад ё дар бораи худ иддаъое бинамояд.

Аз Худованд барои худ ва шумо талаби афу мағфират дорам ва аз Ӯ мехоҳам ки мо ва шуморо аз ёрони худ ва ёрони халифааш дар замин қарор диҳад; Чароки бисёр даҳешгар ва меҳрангез аст ва гуноҳро меомӯзад ва дуъоро мустаҷоб мекунад.

Вассалому алайкум ва раҳматуллоҳ>>.

# Номаи севвум

Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он мусалмононро аз но огоҳӣ бар ҳазар медорад ва ба сӯи касби илм ва шинохти ҳақ ва ботил фаро мехонад.

بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Эй Худованди ман ва Худованди падарони ман ки дар гузаштаанд! Ва Худованди осмонҳои барафрошта бо сутунҳое ки дида намешаванд! Ва Худованди хуршеди фурузон ва моҳи тобон ва ситорагони фаровон! Ва Худованди заминҳои фарох ки бархӣ бар рӯи бархӣ дигар қарор гирифтаанд ва бо меххое ба ҳам пайвастаанд! Ва Худованди уқёнусҳои жарф ва густарда ва ончи бар онҳо ва дар онҳо шиновар аст! Ва Худованди дарёҳои бузург бо мавҷҳои хурӯшон ва ҷазоири зебо ва савоҳили мосаи ва рудҳое ки дар онҳо мерезанд! Ва Худованди кӯҳистонҳои баланд бо қаллаҳои барфгир ва доманаҳои пуршиб ва дарраҳои торик ва партгоҳои хатарнок ва сахраҳои ситургӣ ки бар каронаи онҳо овйхатаанд! Ва Худованди ҷангалҳои сарсабз бо дарахтони анбӯҳ ва аъмоқи торик ва ҳар ҷунбандае ки дар онҳо ҷунбон аст! Ва Худованди биёбонҳои паҳновар бо густараи хушк ва хокӣ фарсуда ва буттаҳоӣ бехта ва шинбодҳое ки бар онҳо мевазанд! Ва Худованди абрҳои боронзо ва абрҳои

ғайри боронзо ки аз офоқи дур меоянд ва бар замин соя меафкананд! Ва Худованд баҳор ки зойиши табиъат аст ва тобистон ки булуғи табиъат аст ва пойиз ки пирии табиъат аст ва зимистон ки марги табиъат аст! Ва Худованди ончи буд ва ончи ҳаст ва ончи хоҳад буд! Туро мепарастам, парастиши Паёмбарон ва туро меситоям, ситойиши фариштагон. Туро тасбеҳ мегӯям ва бузург мешуморам ва сипос мегузорам ба шумораи ситорагони осмон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи ситорагони осмонро медонад?! Ва ба шумораи баргҳои дарахтон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи баргҳои дарахтонро медонад?! Ва ба шумораи регҳои биёбон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи регҳои биёбонро медонад?! Ва ба шумораи қатароти борон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи қатароти боронро медонад?! Ва ба шумораи партувҳои хуршеди тобон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи партувҳои хуршеди тобонро медонад?! Ва ба шумораи нафасҳои ҷондорон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи нафасҳои ҷондоронро медонад?! Ва ба шумораи пилк бар ҳам задан мардумон; Ва чи касе ҷуз Ту шумораи пилк бар ҳам задани мардумонро медонад?! Бал ҳамаи инҳоро шуморае аст, аммо ман Туро тасбиҳ мегӯям ва бузург мешуморам ва сипос мегузорам бешумор ва бепоён, монанди неъматҳоят, онгуна ки сазовори ҷамол ва ҷалоли Туст! Ва Туро ягона медонам ва барои Ту анбозе намешиносам ва гувоҳи медиҳам ки Муҳаммад –дуруди Ту бар вай ва хонадонаш бод– банда ва вопасин фиристодаи Туст ки ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристодӣ то онро бар ҳар

дине пирӯз гардонӣ ҳар чанд мушрикон хуш надоранд. Онгоҳ дувоздаҳ тан аз хонадони ӯ, хулафои Ту ва хулафои Паёмбарт ҳастанд ки бар онон неъмат бахшидӣ ва ононро бар мардумон бартарӣ додӣ ва барояшон пешво намудӣ то Туро бишиносанд ва бипарастанд ва бозгашти ман ба сӯи Туст. Манро ба ончи меписандӣ роҳ бинамо ва аз ончи намеписнадӣ боздор ва манро ба худам вомагузор то аз ончи меписандӣ рӯй бигирам ва ба ончи намеписандӣ рӯй оварам, ман он ҳангом аз зиёнкорон хоҳам буд. Эй Худованд! Миёни ман ва касоне ки Туро намешиносанд ва дар замин бартарӣ меҷӯянд ва табоҳи меангезанд ҳукм фармо ва маро бар зидди онон ёрӣ кун; Чароки Ту беҳтарин ҳукм кунандагон ва беҳтарини ёрӣ кунандагонӣ. Ба Ту рӯй овардам ва бар Ту таваккул кардам ва Туро бо ойинӣ пироста барои Ту парастидам ва аз парастиши тоғут прҳехтам ва аз касоне ки бо Ту ва бо дӯстони Ту душмананд канора гирифтам то маро пок гардонӣ ва ба хеш наздикам созӣ ва неъматам диҳӣ ва аз гуноҳне ки дастҳоям пеш фиристода ё пас андохтааст чашм пӯшӣ ва дар рӯзе ки дилҳо ва дидаҳо божгун мегарданд аз оташ бираҳонӣ ва ба биҳишт дароварӣ; Ҳамоно Ту ҳар киро бихоҳӣ мераҳонӣ ва ҳар киро бихоҳӣ месӯзонӣ ва Ту бисёр бахшоянда ва меҳрубон ҳастӣ.

Ва аммо баъд..

Эй гурӯҳи хурдмандон! Эй бародарон ва хоҳарони мусалмон! Бо шумо дар бораи шумо сухан мегӯям. Оё суханамро мешунавед ва дил месупоред ё гӯши

худро мегиред ва раҳ месупоред?! Ба Худо савганд агар душмани инсон барои ӯ номае бинависад, ӯ онро бо диққат мехонад то бидонад ки душмани ӯ барояш чи навиштааст, дар ҳоле ки ман дӯсти дилсӯз ва бародари хайрхоҳи шумо ҳастам ва сазовортарам то бидонед барои шумо чи навиштаам. Агар шумо манро намешиносед ман шуморо мешиносам ва агар шумо манро дӯст намедоред ман шуморо дӯст медорам. Ба суханам гӯш биспоред ва напурсед ки кистам; Чароки кистии инсон дар сухани ӯ ошкор мешавад ва оқил ба сухан менигарад на ба гӯяндаи он! Чи бисёр сухани росте ки кӯдаке гӯяд ва чи бисёр сухани дурӯғе ки бузургон гӯянд! Сухани рост, рост аст агар чи кӯдаке гӯяд ва сухани дурӯғ, дурӯғ аст агар чи бузургон гӯянд! Аз ин рӯ, агар суханеро бишносед, нашнохтани гӯяндаи он ба шумо зиёне намерасонад, ҳамчунонки агар суханеро нашносед шинохтани гӯяндаи он ба шумо суде намерасонад! Пас ба суханам гӯш биспоред то манро бишносед; Чароки инсон дар зери забони хеш пинҳон аст ва касе шинохта намешавад то онгоҳ ки ба сухан дарояд. Шумо гӯш дода нашудаед магар барои шунидан ва чашм дода нашудаед магар барои дидан ва ақл дода нашудаед магар барои тамйизи ончи мешунавед ва мебинед ки кадомин рост ва кадомин норост аст. Пас суханамро бо гӯши худ бишнавед ва бо ақли худ баррасед то агар рост буд бипазиред ва агар норост буд напазиред. Худованд ба шумо тавфиқ диҳад; Чароки шайтон мехоҳад шумо нашунавед то надонед ва надонед то бадбахт шавед

ва оё бадбахтӣ ҷуз дар паи нодонӣ аст?! Ман медонам касоне ки пеш аз ман будаанд, сухан, бисёр гуфтаанд ва шуморо ранҷондаанд; Чароки бисёрӣ аз суханони онон дурӯғ будааст ва чизҳое гуфтаанд ки ба он донише надоштаанд ва гурӯҳе аз онон касоне ҳастанд ки шуморо намехоҳанд магар барои худҳояшон ва сухан намегӯянд магар барои фиреб. Шуморо ба сӯи ҳаққе фаро мехонанд ки худ аз он бегонаанд ва барои шумо хайре мехоҳанд ки худ аз он бебаҳраанд! Инон динро такягоҳе барои қудрат ва охиратро дастовезе барои дунё кардаанд; Вагарна, на динро чунонки бояд мешиносанд ва на охиратро чунонки шояд мехоҳанд. Акнун ман барои шумо сухан мегӯям, дар ҳоле ки на умеди қудрате ва на тамаъи дунёйе дорам. Яке ҳастам аз миёни шумо ки монанди шумо дар замин заъиф шумурда мешавам ва дар паи бартарӣ ёфтан бар шумо ё табоҳӣ ангехтан дар замин нестам. Ҷуз ин намехоҳам ки амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, то Худованд ҳар киро хоҳад бишнавонад ва ҳар киро хоҳад кар намояд ва шумо чи медонед?! Шояд чизҳоеро дигаргун созад ва аз рӯи чизҳое парда баргирад; Чароки Ӯ бар ҳар коре тавоно ва ба ҳар чизе доност.

Эй бародарон ва хоҳарони мусалмон! Бидонед ки ҷаҳон ба поёни худ наздик шуда ва охирул замон фаро расида ва сапедаи ваъдаҳо бар дамидааст. Акнун мо ва шумо дар рӯзгоре зиндагӣ мекунем ки фитна ва ошуб ҳам ҷоро фаро гирифта ва зулму фасод густариш ёфта ва шубҳа фаровон шудааст. Шубҳаро аз он рӯ <<Шубҳа>>

мегӯянд ки инсонро ба <<Иштибоҳ>> меандозад ва ҳаққу ботилро ба ҳам <<Муштабаҳ>> месозад. Бегумон агар ҳақ ошкор буд бар касе пӯшида намемонд ва агар ботил беҳиҷоб буд назди ҳамагон расво мешуд, аммо воқеъ он аст ки ҳақ дар паси абрҳои ботил фуру меравад ва ботил ниқоби ҳақ бар чеҳра мезанад ва инҷост ки шинохти он ду аз ҳам сахт мегардад. Шайтон медонад ки агар шуморо ошкоро ба сӯи ботил фаро хонад ва ба гумроҳӣ фармон диҳад шумо даъваташро иҷобат намекунед ва аз фармонаш сар мепечед; Аз ин рӯ, шуморо аз як сӯ ба ҳақ фаро мехонад ва ба ҳидоят фармон медиҳад ва аз сӯи дигар ботилро дар назари шумо ҳақ меорояд ва гумроҳиро бароятон ҳидоят ҷилва медиҳад! Инҷост ки шумо даъвати ӯро иҷобат ва фармони ӯро итоъат мекунед ва ба шавқи ҳақ гирифтори ботил ва ба номи ҳидоят дучори гумроҳӣ мешавед! Ва рӯзгори мо лабрез аз ин шубҳаҳост; Шубҳаҳое ки ҷавонони шуморо фиреб дода ва пирони шуморо саргардон намудааст; Шубҳаҳое ки зиндагиро бар шумо сахт карда ва баракатро аз суфраҳотон бурдааст; Шубҳаҳое ки ақли шуморо манг ва қалби шуморо санг кардааст; Шубҳаҳое ки чашмҳои шуморо гирифтааст то набинед ва гӯшҳои шуморо гирифтааст то нашунавед ва даҳонҳои шуморо гирифтааст то чизе нагӯйед! Чи бисёр ботиле ки дар рӯзгори мо ҳақ дониста шудааст ва чи бисёр ҳаққе ки дар рӯзгори мо ботил! Чи бисёр залолате ки дар рӯзгори мо ҳидоят ба шумор рафтааст ва чи бисёр ҳидояте ки дар рӯзгори мо залолат! Чи

бисёр дурӯғе ки дар рӯзгори мо рост пиндошта шудааст ва чи бисёр росте ки дар рӯзгори мо дурӯғ! Чи бисёр ғалате ки дар рӯзгори мо дуруст ингошта шудааст ва чи бисёр дурусте ки дар рӯзгори мо ғалат! Чи бисёр баде ки дар рӯзгори мо хуб ҷилва дода шудааст ва чи бисёр хубие ки дар рӯзгори мо бад! Дар ҳоле ки нашнохтанӣ ҳақ аз ботил ва надонистани ҳидоят аз гумроҳӣ ва дарнаёфтани рост аз дурӯғ ва нафаҳмидани дуруст аз ғалат ва ташхис надодани хуб аз бад, ба ҳеҷ рӯй сода ва беаҳмият нест, бал товони сахт ва пайомадҳои душворе дорад ва метавонад ба мусибатӣ ҷонкоҳ ва шақоватӣ абадӣ мунтаҳӣ шавад. Бинадешед ки агар душманро аз дӯст ташхис надиҳед чи фарҷоме хоҳад дошт?! Ё агар гургро аз гӯсфанд тамйиз надиҳед чи ҳодисае рӯй хлҳад дод?! Ё агар теғро аз панба дар наёбанд чи хоҳад шуд?! Ё агар дорурро аз сам боз нашносед чи мусибате ба бор хоҳад омад?! Ҳақ ва ботил барои шумо монанди дӯст ва душман, ва ҳидояту гумроҳи барои шумо монанди гӯсфанд ва гург, ва ростиву дурӯғ барои шумо монанди панба ва теғ, ва дурусту ғалат барои шумо монанди дору ва сам аст ки агар якеро аз дигарӣ ташхис надиҳед ҳалок хоҳед шуд! Инҷост ки <<Ҷаҳли>> инсон, бузургтарин душмани ӯ мешавад ва <<Бехабарии>> ӯ балои ҷонаш мегардад! Ҳеҷ кас душманӣ бузургтар аз ҷаҳли худ надоштааст ва ҳеҷ чиз барои одаме хатарноктар аз бехабарӣ нест! Бинобарин, аз ҷаҳлӣ худ беш аз душман бар ҳазар бошед ва аз бехабарии худ беш аз гург ҳаросон бошед ва аз бе иттилоъии худ беш аз теғ эҳтиёт кунед ва

аз ноошноии худ беш аз сам битарсед! Чароки душману гург ва теғу самми моддӣ, ҷисми шуморо аз пой дар меоваранд, дар ҳоле ки ҷаҳл ва бехабарӣ ва бе иттилоъӣ ва ноошноии маънавӣ, руҳи шуморо табоҳ мекунанд!

Пас эй мардуме ки зиндагиҳои худ рӯзмарра шудайед ва ба рӯзмарагиҳои худ одат кардайед ва дар одатҳои худ фуру рафтайед ва дар фуру рафтагиҳои худ маҳкум гаштайед ва намедонед кадоми аз кадом аст! Эй бародарон ва хоҳарони хуфтаи ман! Ба худ ойед ва бедор шавед ва бархезед! Ба Худо савганд, шуморо аз <<Шинохтан>> гузире нест ва кори шумо ҷуз бо <<Донистан>> рост намеояд. Ҳаминак, <<Шинохт>> монанди фариштае шуморо ба сӯи худ фаро мехонад ва <<Донистан>> монанди Паёмбаре шуморо ба сӯи худ даъват мекунад. Дар кӯчаҳои шумо фарёд мезанад ва бар пушти бомҳотон нидо медиҳад ки <<Эй бехабарон! Шоми бехабарӣ пушт намуда ва субҳи огоҳӣ бар дамидааст. Инак бедор шавед ва ба сӯи ман бишитобед ва чизе шуморо аз ман боз надорад! Чароки ман барои шумо аз нони шаб воҷибтар ва аз касбу кор ва хонавода судмандтарам. Ман танҳо касе ҳастам ки бо шумо мемонад ва дар дунё ва охират аз шумо ҷудо намешавад. Амволи шумо аз байн мераванд, ҳамсаронатон мемиранд ва фарзандонатон ҷудо мешаванд, аммо ман ҳеҷ гоҳ аз байн намеравам ва ҳеҷ гоҳ намемирам ва ҳеҷ гоҳ аз шумо ҷудо намешавам. Бал шуморо монанди худ ҳифз мекунам ва ҳамроҳи худ ба ҷовидонагӣ мерасонам. Агар ман бо шумо бошам чизе ба шумо зиён нахоҳад

расонд ва агар ман бо шумо набошам чизе ба шумо суд нахоҳад расонд. Пас кадомин боздоранда шуморо аз ман боз медорад ва кадомин бениёз кунанда шуморо аз ман бениёз мекунад?!>> Ингуна <<Шинохт>> шуморо ба сӯӣ худ фаро мехонад ва ин чунин <<Донистан>> шуморо ба сӯӣ худ даъват мекунад. Пас нидои ӯро бишнавед ва даъвати ӯро иҷобат кунед! Барои шиохти ҳақ аз ботил ба по хезед ва барои донистани дуруст аз ғалат эҳтимом варзед! Ва чаро чунин ва чунон накунед?! Дар ҳоле ки шинохти ҳақ ва ботил, қавоми инсонияти шумо ва донистани дуруст ва ғалат, мояи шахсияти шумост. Чигуна номи худро инсон менихад касе ки аз <<Маърифат>> безор аст?! Ва чаро номи худро асб наменихад касе ки бо <<Илм>> бегона аст?! Донойии инсон, пояи шарафи ӯ ва огоҳии ӯ, мояи иззати ӯст. Мақсудам аз огоҳӣ, риёзӣ ва ҳиндиса ва монанди он нест ва манзурам аз донойи, фиқҳу усул ва мантиқ ва фалсафа нест! Инҳо ҳама фазле аст ки имрӯз фитна шудааст ва қавоми инсонияти шумо ба инҳо нест! Мақсудам аз донойи, шинохти ҳақ аз ботил ва манзурам аз огоҳӣ, ташхиси ҳидоят аз гумроҳӣ аст. Чи бисёр фақиҳу файласуфе ки ба дӯзах рафта ва чи бисёр дуктуру муҳандисе ки растгорӣ наёфтааст; Чароки ҳаққро аз ботил нашнохта ва ҳидоятро аз гумроҳӣ дар наёфтааст! Ҳон, эй донишҷӯён ва толибони улуми динӣ! Шуморо мебинам ки дар дарс ва баҳси худ фуру рафтаед ва намедонед ҳақ кадом ва ботил кадом аст! Имрӯз ин дарс ва баҳс барои шумо фитна аст! Ҳон, эй

муҷтаҳидон ва муқаллидон! Шуморо мебинам ки дар иҷтиҳод ва тақлиди худ фуру рафтаед ва намедонед ҳақ кадом ва ботил кадом аст! Имрӯз ин иҷтиҳод ва тақлид барои шумо фитна аст! Ҳон, эй хатибон ва минбариён! Шуморо мебинам ки дар хутба ва минбари худ фуру рафтаед ва намедонед ҳақ кадом ва ботил кабом аст! Имрӯз ин хутба ва минбар барои шумо фитна аст! Ҳон, эй масҷидиён ва хонқоҳиён! Шуморо мебинам ки дар масҷид ва хонқоҳои худ фуру рафтаед ва намедонед ҳақ кадом ва ботил кадом аст! Имрӯз ин масҷид ва хонқоҳ бари шумо фитна аст! Ҳон, эй кормандон ва бозориён! Шуморо мебинам ки дар кор ва касби худ фуру рафтаед ва намедонед ки ҳақ кадом ва ботил кадом аст! Имрӯз ин кор ва касб барои шумо фитна аст! Ҳон, эй гурӯҳи мардумон! Ба ҳар гӯшае менигарам шуморо мебинам ки дар зиндагиҳои худ фуру рафтаед ва дар хонаҳои худ пинҳон шудаед! Ба худ ва ба якдигар машғул гаштаед ва намедонед ҳақ кадом ва ботил кадом аст! Ба рӯзмарагиҳои худ муътод шудаед ва дар ботлоқи талкаҳо гирифтор омадаед! Дигар ба шиохти ҳаққу ботил намеандешед ва аз донистани дуруст ва ғалат суроғ намегиред! Ҳақ барои шумо бо ботил яксон шудааст ва дуруст барои шумо бо ғалат фарқе намекунад! Худро аз ин масоъил фориғ кардаед ва саратон аз ин мавзуъот саргарм аст! Кори берун, шуморо аз кори дарун боз дошта ва ҷустуҷӯи пул ва мадрак, шуморо аз ҷустуҷӯи илм ва ҳикмат машғул кардааст. Мегуйед: Мушкилоти зиндагӣ чунин аст ки моро аз шинохтан боз медорад ва

гирифториҳои дунё чунон аст ки моро аз донистани монеъ мешавад! Дар ҳоле ки он мушкилоти шумо, худ барои ин аст ки ҳаққу ботилро намешиносед! Ва ин гирифториҳои шумо, худ барои он аст ки дуруст ва ғалатро намедонед! Ҳеҷ мушкиле нест магар онки аз ҷаҳли шумо бархоста ва ҳеҷ гирифторие нест магар онки бехабарии шумо онро зойидааст! <<Маърифат>> соҳиби худро ёрӣ мекунад ва <<Илм>> дӯсти худро наҷот медиҳад. Ин ду барои шумо монанди об барои ташна ва ғазо барои гурусна ва роҳнамо барои гумшуда ва мӯнис барои танҳоянд. Ин ду пуштибони шумо ва асои дастонанд. Ин ду дармони дардҳои шумо ва марҳами захмҳотонанд. Ин ду калиди дарҳои баста ва дарбозаҳои хушбахтии шумоянд. Ин ду сармояи шумо дар рӯзи надорӣ ва дастгири шумо дар рӯзи афтодагианд. Ин ду барои шумо раҳбароне ҳастанд ки гумроҳ намекунанд ва ҳокине ҳастанд ки ситам наменварзанд. Ин ду барои шумо хонаҳое ҳастанд ки вайрон намешаванд ва заминҳое ҳастанд ки ҳамеша ободанд. Ин ду барои шумо сарватҳое ҳастанд ки ба сирқат намераванд ва коргароне ҳастанд ки сустӣ намеварзанд. Ин ду барои шумо ҳамсароне ҳастанд ки ҷудо намешаванд ва фарзандоне ҳастанд ки ҷафо намекунанд. Ин ду барои шумо дӯстоне ҳастанд ки душман намешаванд ва ҳамроҳоне ҳастанд ки танҳо намегузоранд. Пас ба ин ду рӯй оваред ва ҳеҷ чиз шуморо аз ин ду боз надорад! Ростро аз дурӯғ бишносед ва дурустро аз ғалат ташхис диҳед! Нашнохтан, дузди

дин ва дунёи шумо ва ташхис надодан, асбоби надомати шумост. Ба шумо рост мегӯйем: Надонистан, дар ин рӯзгор гуноҳӣ нобахшуданӣ ва хатойи бисёр бузург аст. Дар ин рӯзгор агар ҳақиқатро нашносед фиреб мехуред ва агар ҳидоятро ташхис надиҳед саратон кулоҳ меравад! Шайтонҳои ҷиннӣ ботилро бароятон ҷойи ҳақ мезананд ва шайтонҳои инсӣ гумроҳиро бо номи ҳидоят ба хурдатон медиҳанд! Ҳамеша ҳастанд фурсатҷӯёне ки аз нодонии шумо сӯъи истифода кунанд ва бехабарии шуморо муғтанам бишуморанд, то ба воситаи шумо ба қудрат ва сарват даст ёбанд ва амволу анфуси шуморо бихуранд! Дар ҳоле ки агар шумо огоҳ будед, инон бар шумо султа намеёфтанд ва агар шумо доно будед, инон бар шумо чира намешуданд! Оё дар торикии шаб нест ки дузд ба хона меояд ва дар оби гилолуд нест ки моҳӣ ба тӯр меафтад?! Ҳушёр бошед ва беш аз ин дар нодонӣ ва бехабарӣ намонед! Ҳар чи зудтар –пеш аз онки дер шавад– барои шинохти ҳақ аз ботил ба по хезед ва барои ташхиси ҳидоят аз гумроҳӣ талош кунед. Ҳар чанд ман бими он дорам ки дер шуда бошад; Чароки шумо мардум, охиратро аз ёд бурдаед ва дар дарёи пур талотуми дунё ғарқ шудаед. Дағдаҳои зиндагӣ, шуморо машғул карда ва афсуни асри ҷадид, шумор масх намудааст. Дигар ба чизе ҷуз шикамҳотон намеандешед ва барои дини худ ғусса нахмеуред; Дине ки ақойиди онро намешиносед ва аз аҳкоми он огоҳ нестед. Ҳамнишинони ҷоҳлед ва ҳамсоягони бехабарӣ! Аз бузургонатон тақлид мекунед ва ақли худро ба кор

намеандозед! Ҳар рӯз дар пайи касе меравед ва худро бо чизе саргарм месозед! Мусалмон ҳастед ва нестед ва имон доред ва надоред! Дигар муштоқи биҳишт нестед ва аз дӯзах намеҳаросед! Орзуҳотон дароз шуда, дар ҳоле ки умрҳотон кӯтоҳ гардидааст! Имони шумо суст ва тақвотон андак шудааст. Ахлоқи шумо паст гардида ва гуноҳонатон фузунӣ гарифтааст. Дилҳотон санг ва синаҳотон танг шудааст. Ростӣ аз зиндагиҳотон рафта ва дурӯғ ба ҷойи он омадааст. Муҳаббат аз миёни шумо бархоста ва нафрат ба ҷойи он нишастааст. Кӯчаки шумо ба бузургатон эҳтиром намегузорад ва бузурги шумо бо кӯчакатон меҳр наметварзад. Баракат аз зиндагии шумо рафта ва рудҳотон камоб шудааст. Осмон бо шумо қаҳр кардааст ва маҳсулӣ заминҳотон хуб нест. Ба вазъи ҳувлноки худ одат кардаед ва маризӣ ки рӯҳатонро гирифтааст эҳсос намекунед. Пас инки бо овози ман ҳнгоме ки фарёд мезанам бедор шавед ва бо асои ман ҳангоме ки бар паҳлутон менавозам ба худ ойед; Вагарна ин ғафлат ва ноогоҳӣ монанди оташӣ сӯзон ки забонаҳои тарснокаш ғурриш мекунад ва дуди ғализаш, роҳи нафасро бар шумо мебандад, зиндагитонро фаро мегирад ва рӯзатонро ба шабӣ торик мубаддал месозад! Оё марди хирадманде дар миёни шумо нест ки ҳикматамро фаро гирад ва зани донойе дар лобалотон ёфт намешавад ки насиҳатамро бипазирад?! Зиракони шумо куҷоянд ки каломамро фаҳм кунанд ва ҳушёронатон киёнанд ки даъватамро посух гӯянд?! Хушо ба ҳоли касоне ки маърифатро

фаро мегиранд; Чарки онон растгорӣ хоҳанд ёфт ва бадо ба ҳоли касоне ки дар ҷаҳолат фуру мемонанд; Чароки онон бадбахт хоҳанд шуд ...

# Номаи чаҳорум

**Фарозӣ дигар аз номаи он ҷаноб ки дар он бар зарурати шинохти ҳақ ва ботил пой мефишорад.**

... Ман барои шумо бародарӣ хайрхоҳ ҳастам. Ман шуморо ба ташхиси ҳақ аз ботил фаро мехонам то ҳалок нашавед ва ба шинохти ростгӯ аз дурӯғгӯ даъват мекунам то дар зиён намонед; Чароки шумо аз рӯзи нахустин то имрӯз, ҳамвора дар зиён будайед; Чунонки Парвардигоратон фармудааст: ﴿إِنَّ الْإِنْسَانَ لَفِي خُسْرٍ﴾ (Аср/2) ва раҳойии шумо аз зиён дар гарави ду чиз аст, ҳамчунонки парвози парандагон ба осмон дар гарави ду бол аст ва он ду чиз, ҳамоно имон ва амали солеҳ аст; Чунонки фармудааст: ﴿إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ﴾ (Аср/3). Аммо имон, эътиқод ба ҳақ ва адами эътиқод ба ботил аст ва ин танҳо бо шинохти ҳақ ва ботил ҳосил меояд ва аммо амали солеҳ, чизе ҷуз амал ба лавозими ҳақ ва парҳез аз лавозими ботил нест ва ин низ танҳо бо шинохти ҳақ ва ботил ҳосил меояд. Пас, шинохти ҳақ ва ботил, пояи имон ва амали солеҳ аст ва ин ду бо шинохт оғоз мешаванд. Масали шинохт нисбат ба ин ду, масали пей нисбат ба сохтумон ё сар нисбат ба бадан ё намоз нисбат ба сойири аъмол аст. Оё агар сохтумоне пей надошта бошад, бар ҷои худ устувор мемонад?! Ё агар касе сар надошта бошад, сойири аъзои баданаш ба ӯ суд мерасонад?! Ё агар касе намоз нахонад, ҳаҷ ва рӯзаи ӯ

пазируфта мешавад?! Ба ҳамин сон, агар касе маърифат надошта бошад, мӯъмин нест ва амали солеҳаш ба ӯ суд намерасонад. Ба шумо рост мегӯям: Агар касе миёни Сафо ва Марва ё овехта ба пардаҳои Каъба, бо амали солеҳи ҳамаи ҷинну инс бимирад дар ҳоле ки ҳақ ва аҳли онро аз ботил ва аҳли он нашинохта, ҳамоно ба марги ҷоҳилият мурда ва ба дӯзах дар омадааст. Пас, аз инҷо воҷиб мешавад бар шумо ки ҳақ ва аҳли онро аз ботил ва аҳли он бишиносед ва ин шинохтро бар ҳар амали солеҳӣ муқаддам бидонед ва огоҳ бошед ки бидуни ин <<Маърифат>>, ҳеҷ имоне барои шумо нест ва ҳеҷ намозу рӯза ва ҳаҷҷу закоте ба шумо суд намерасонад ва шумо аз зиёнкорон хоҳед буд ...

# Номаи панҷум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат дар бораи зарурати меъёри шинохт ва камоли он**

<<...Оё касе тиллои аслро аз бадал намешиносад ба маҳаки мизоне ниёз надорад то бо он бисанҷанд?! Ё касе ки роҳро аз бероҳа тамйиз намедиҳад ба роҳнамои роҳшиносе ниёз надорад то роҳро нишонаш диҳад?! Ё касе ки дар макони торикӣ гирифтор аст ба шамъи фурузоне ниёз надорад то пиромунашро рўшан намояд?! Ё касе ки чашми худро аз даст додааст ба ҳамроҳи биное ниёз надорад то дасти ўро бигирад?! Ё касе ки дар ҳоли ғарқ шудан аст ба дастовези устуворе ниёз надорад то ба он чанг бизанад?! Ё ҳеҷ оқиле бидуни қойиқ ба дарё мезанад?! Ё ҳеҷ кўре бидуни ҳамро ба сафар меравад?! Ба ҳамин сон, касе ки ҳақро аз ботил намешиносад ба меъёре ниёз дорад то бо он бисанҷад ва касе ки ҳидоятро аз гумроҳӣ тамйиз намедиҳад ба роҳнамое ниёз дорад то ҳидоятро нишонаш диҳад ва касе ки дар торикии шубаҳот гирифтор аст ба шамъе ниёз дорад то барояш рўшан намояд ва касе ки ба дуруст ва ғалат бино нест ба ҳамроҳе ниёз дорад то дасти ўро бигирад ва касе ки дар дарёи ҷаҳл ғарқ мешавад ба дастовезе ниёз дорад то ба он биёвезад. Бидуни меъёр, шинохтан ва бидуни роҳнамо, роҳ ёфтан ва бидуни рўшаноӣ, дидан ва бидуни ҳамроҳ, сафари кўр ва бидуни дастовез, наҷот ва бидуни қойиқ, дарёнавардӣ мумкин нест...>>.

**Шарҳи нома:**

Ин меъёр, роҳнамо, шамъ, ҳамроҳ, дастовез ва қойиқи наҷоти инсон, чунонки дар китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> ва сойири гуфторҳо ва навишторҳои рӯшанибахши ҳазрати Мансур табйин шуда, <<Ақли салим>> аст ки ба сӯӣ китоби Худо ва халифаи поки Ӯ дар замин иршод мекунад ва аз табаъияти ғайри он ду боз медорад ва бидуни он, миёни ҳаққу ботил ва нуру зулмат ва ҳидояту гумроҳӣ ва дурусту ғалат фарқе нест.

# Номаи шашум

**Номае аз он ҳазрат ки дар он ёрони худро панд медиҳад.**

>>بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Аз бандаи Худо Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ба гурӯҳе ки ӯро ёрӣ мекунанд; Ва аммо баъд..

Эй гурӯҳи ёрони ман! Худоро ба ёди шумо меоварам; Ҳамун ки шуморо дар авҷи гумроҳӣ ҳидоят ва дар умқи ҳайронӣ далолат фармуд ва дар бухбуҳаи хорӣ иззат ва дар муҳосираи нодонӣ илм бахшид ва ба роҳе дарандохт ки ростии он каҷӣ надорад ва ҳамвории он ноҳамвори намешиносад. Дар ҳоле ки мардум дар пиромуни шумо оташ мегиранд ва даста даста дар торики фуру мераванд. Пас неъматҳои Худоро ба ёд оваред ва бо дасту дил ва забон сипос бигзоред, бошад ки шуморо солеҳоне қарор диҳад ва аз миёнатон шаҳидоне баргузинад.

Эй гурӯҳи ёрони ман! Боре ба саргузашти пешиниён назар кунед ва аз фарҷоми онон ибрат бигиред; Ҳамонон ки рӯзҳои Худоро аз ёд бурданд ва неъматҳои Ӯро куфрон намуданд, пас теғи бадбахтӣ бар гарданашон фуруд омад ва тири табоҳӣ бар ҷоноғи синаяшон нишаст, пас чунон нобуд шуданд ки гӯйи ҳеҷ гоҳ дар ҷаҳон набуданд! Инки шумо дар заминҳои онон сокин шудаед ва бар вайронаҳошон хона сохтаед, пас ба роҳи онон наравед

ва ба расмашон накунид ки ончи бар онон расид, бар шумо низ хоҳад расид, то ибрате барои ояндагон шавед, чунонки онон ибрате барои шумо шуданд! Оё касоне аз шумо ки нидои мо ба онон расид ва муддаъӣ шуданд ки онро пазируфтанд, пидоштанд ки ба сирфи иддаъошон вогузошта мешаванд ва ҳаргиз озмуда намешаванд?! Чунин нест, балки ононро меозмоянд то ростгӯӣ ононро аз дурӯғгӯ маълум кунанд; Чароки бисёр лофҳо зада шуда ва андаке амал шудааст. Зинҳор пиндорандаи напиндорад ки Худоро фиреб тавонад дод; Чароки Ӯ фареботарин ҳилагарҳоро фирефта ва истеҳзоъ намуда; Ҳангоме ки пиндоштанд аз ниёти онон бехабар аст ва аз ағрози онон огоҳ нест!

Эй гурӯҳи ёрони ман! Зинҳор ба сабаби ёрии Худованд бар Ӯ миннате нагузоред; Чароки Ӯ ба ёрии шумо ниёзе надорад, бал ин шумо ҳастед ки ба ёрии Ӯ ниёзмандед. Оё намедонед ки агар бихоҳад аз регҳо ва сангрезаҳо барои худ ёроне меофаринад?! Пас бо Ӯ рост бигӯйед ва ихлос варзед; Зеро касоне ки дар осмонанд аз ҳайбати Ӯ дар ҳаросанд!

Эй гурӯҳи ёрони ман! Манро аз гулҳои замин хабар диҳед ки оё рушд тавонанд кард ҳаргоҳ дар миёнашон алафҳои ҳарз ва буттаҳои хор бошад?! Ҳамчунон шумо рушд натавонед кард монанде ки ба ҳавасҳо ва таъаллуқҳо мубтало ҳасте; Чароки неруӣ шуморо хоҳад гирифт ва вақти шуморо зойеъ хоҳад кард.

Эй гурӯҳи ёрони ман! Ҳамчунонки ширро дар зарфҳои олуда намерезанд, маърифатро дар дилҳои олуда қарор намедиҳанд ва ҳамчунонки гавҳарро дар сатли зубола намеафкананд, ҳикматро дар синаҳои нопок

намегузоранд; То онон ки андешаи бадро аз дилҳои худ зудудаанд ба маърифат даст ёбанд ва онон ки шакро аз синаҳои худ берун рондаанд ба ҳикмат ноъил шаванд ва онон ки бадандеш ва шаккоканд дар ҷаҳолат ва бехабарӣ бимонанд.

Эй гурӯҳи ёрони ман! Ба суханам гӯш фаро диҳед то маърифат ёбед ва дар он биандешед то ҳикмат андузед; Чароки шуморо бо он парвариш медиҳам ҳамон тавр ки боғбон дарахти мевaро; То аз шумо гурӯҳе бисозам кифоят кунанда барои онки халифаи Худоро дар замин кифоят кунанд. Ҳамоно шумо офарида шудаед барои охират ва на барои дунё; Пас барои охират кор кунед ва худро дилбастаи дунё насозед. Масали шумо масали савораи дарёст ки киштааш дар тӯфон ғарқ шуд; Пас худро ба тахтае овехт то ба ҷазираи ношинохта афтод. Пас чун ба ҳуш омад ва дар он сайр кард, дарёфт ки он ҷазирае ғайри маскун аст ки дар он ҳайвонотӣ дарандаанд ва ҷуз андаке об ва ғазо ёфт намешуд. Манро хабар диҳед аз ӯ ки оё ба ин ҷазира дил мебандад ва машғул мешавед ба сохтани иморатҳо –чунонки гӯйи барои ҳамеша дар он хоҳад монд– ё инки басанда мекунад ба ёфтани паноҳгоҳе ва машғул мешавад ба сохтани киштӣ ва гирифтани тӯшае то худро наҷот диҳад?!

Эй гурӯҳи ёрони ман! Мо дар замоне зиндагӣ мекунем ки ҷилваҳои дунё фузунӣ ёфта ва фитна ва ошӯб фарогир шудааст. Мардум Худоро фаромӯш кардаанд ва Ӯ низ ононро аз ёд бурдааст. Дар чунин ҳангомаи балохезе танҳо касоне дунёро дигаргун тавонанд сохт ки дунё онҳоро дигаргун насохта бошад.

Эй гурӯҳи ёрони ман! Ҳангоме ки мардум ба дунё машғул шудаанд, шумо ба охират машғул шавед то аз онҳо имтиёз ёбед. Ғуссаи дунёро нахуред; Чароки дунё ғуссаи шуморо намехурад. Онро вогузоред то чарогоҳи касоне бошед ки ба оятҳои Худованд имон намеоваранд ва миён инсоният ва беҳиммат фарқе намегузоранд. Онҳо барои онанд ва он барои онҳост. Масали онҳо масали кӯдаке аст ки дар соҳили дарё бозӣ мекунад ва барои худ аз моса[1] биноҳо месозад ва мепиндорад ки боқӣ хоҳанд монд, вале ногоҳ мавҷе мерасад ва ҳамаро хароб мекунад; Пас кӯдак афсус мехурад ва бо ҳасрат ба мосаҳо менигарад ки чи андоза ранҷи беҳуда кашидааст!

Эй гурӯҳи ёрони ман! Оё таъаҷҷуб намекунед аз касоне ки шайтонро дӯсти худ гирифта ва ба ӯ маънус шудаанд ва ононро ёрои ҷудоӣ аз ӯ нест?! Огоҳ бошед ки ҳар чизе ғайри Худо ки шуморо ба худ машғул кунад, шайтон аст. Ин гуна барои шумо масал мезанам то илмро фарогиред ва ба кор бандед, на барои инки аз он лаззат баред ё бо он бар мардумон бартарӣ ҷӯйед, монанди касоне ки илмро барои дунё фаро гирифтанд то бо он бар ҷаҳон сейтара ёбанд ва амволи ононро ба ботил бихуранд; Балки илмро барои амал фаро гиред ва бидуни чашмдошт ба ҷоҳилон биёмӯзед то мояи хайр ва баракат бошед, на монанди шӯразор ки умеди рӯйиш аз он намеравад!

Эй гурӯҳи ёрони ман! Оё ба ҳамин басанда кардаед ки худро ёрони ман бишуморед ва дар амал ба ман иқтидо накунед?! Чигуна метавонам бар шумо қиём кунам

1 . Рег

дар ҳоле ки то ин ҳад лағзандаед?! Куҷо ҳастанд ёрони ростини ман?! Куҷо ҳастанд касоне ки чун Масиҳ дунёро пушти сар андохтанд ва аз ҳар таъаллуқе ба он озод гардиданд? Куҷо ҳастанд касоне ки бо марг ҳамнишин буданд ва Худоро дар пеши рӯӣ худ медиданд? Аз ҳавли оташ чунон мегиристанд ки гӯйи модарони фарзанд мурда буданд! Ба атрофи осмон чунон менигаристанд ки мепиндоштӣ фариштагонро дар ҷой ҷои он мебинанд! Худоро мепарастиданд ва аз парастиши тоғут мепарҳехтанд. Аз пешвои худ фармон мебурданд ва дар ёрии ӯ аз ҳам пешӣ мегирифтанд. Ту гӯйи тахтаҳои фӯлод буданд ё кӯҳҳои сар ба фалак кашида! Вақте дар суфуфи худ ба сӯӣ душман метохтанд, ту гӯйи гардубод ва тӯфони шин ба роҳ меандохтанд! Рафтори худро зери назар доштанд ва вақти ҳар суханро мешинохтанд. Ба макорими ахлоқ ороста буданд ва аз разоъили бузург вораста. Дар замин гумном ва ношинохта буданд ва дар осмон маъруф ва пуровоза. Гард ва хок бар онҳо нишаста буд ва ранги рухсорашон парида буд. Дар миёни шабҳо чунон буданд ки гӯйи кандуҳои асаланд! Дар намозу истиғфор ва хондани Қуръон субҳ мекарданд ва дар илм ва ҷиҳод ва хидмат ба мардум шаб. На хаста мешуданд ва на тардид мекарданд. Худояшон биёмӯрзад. Рӯзгори худро гузаронданд ва рафтанд. Акнун шумо барои мо мондаед. Пас бикӯшед ки ҷонишинони неку бошед барои онҳо ва ба онҳо иқтидо кунед ва бидонед ки фараҷро нахоҳед дид магар он гоҳ ки ин гуна бошед.>>

### Шарҳи нома:

Агар ин нома бар мурдае хонда шавад, баъид нест ки зинда шавад ва аммо сухан он ҳазрат ки фармуд <<Мардум Худоро фаромӯш кардаанд ва Ӯ низ ононро

аз ёд бурдааст>>, сухани Худои аззаваҷал аст ки мефармояд: ﴿نَسُوا اللَّهَ فَنَسِيَهُمْ﴾ (Тавба/ 68); <<Онон Худоро фаромӯш карданд, пас Ӯ низононро аз ёд бурд>> Ва мурод аз он ин аст ки онон Худоро фаромӯш кардаанд, пас Худо низ ононро ба худашон вогузошта, чунонки гӯйи ононро аз ёд бурдааст, на инки ҳақиқатан ононро аз ёд бурда бошад; Чароки Худо фаромӯшкор нест; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا كَانَ رَبُّكَ نَسِيًّا﴾ (Марям/ 64); <<Ва Парвардигорат фаромӯшкор нест>> Ва аз инҷо дониста мешавад ки суханони он ҳазрат, агарчи дар мавридӣ ғариб ба назар ояд, мутобиқ бо суханони Худованд аст ва аз он мафориқат пайдо намекунад ва ин нишонае барои борикбинон аст.

# Номаи ҳафтум

## Фарозе аз номаи он ҳазрат дар некуҳиши олимони замон

<<Барге аз дарахти дин намеканананд вале решаи онро аз бех дар меоваранд! Хасро аз чашми мардум бар мегиранд, вале кочро дар чашми худ вомегузоранд! Магасро аз пушти мардум мепаронанд, вале шутурро бар пушти худ ҳамл мекунанд! Зоҳири хешро меорояд, вале ботини хешро меолоянд! Дар инзори мардум аз асал ширинтаранд, вале дар пушти деворҳо аз ҳанзал талхтаранд! Ҳақиқатро дӯст медоранд, вале на ба андозаи қудрат ва маърифатро дӯст медоранд, вале на ба андозаи шӯҳрат! Охиратро барои дигарон мехоҳанд ва дунёро барои худ! Худро аз ончи ҳастанд бузургтар мепиндоранд ва дигаронро аз ончи ҳастанд кӯчактар мешуморанд! Худоро барои худ мехоҳанд ва худро барои Худо намехоҳанд! Ҳикматро ба ҷаҳолат баробар медонанд ва нурро бо зулмат яксон мешуморанд! Чоплусии ҷоҳилон онҳоро фиреб дода ва алқоби бошукуҳ ононро хуш омадааст! Маслиҳатро бар шариъат муқаддам медоранд ва манфиъатро бар сири ҳақиқат менишонанд! Гумон намекунанд ҳақиқат дар чизе бошад ки мункири онанд ва мепиндоранд варои ончи бадон даст ёфтаанд чизе нест! Ба Худо савганд, инон по ба пои олимони умматҳои гузашта рафтаанд, ҷуз инки онон, алфози шаръиро таҳриф мекарданд ва

инон, маъонии онро таҳриф мекунанд! Зинҳор! Аз инон бар ҳазар бошед ки шуморо гумроҳ накунанд ҳамон гуна ки олимони умматҳои гузашта ононро гумроҳ карданд!>>.

**Шарҳи нома:**

Рӯшан аст ки муроди он ҳазрат аз ин олимон, хоъиноне ҳастанд ки либоси аҳли илмро бар тан доранд ва алқоби ононро ядак мекашанд, вале даъвати он ҳазрат ба Исломи ростин душманӣ меварзанд ва мардумонро аз иҷобати он боз медоранд, на олимонӣ солеҳ ки чун онро мешунаванд мепазиранд ва мегӯянд ки ҳамаи он ҳақ аст ва сипас онро ёрӣ мекунанд; Чароки онон беҳтарин бандагони Худо ҳастанд ва дар Пешгоҳаш мақомӣ воло доранд.

# Номаи ҳаштум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он мардумро аз гумроҳӣ бим медиҳад ва ба шинохти ҳақ ва пазириши он фаро мехонад.**

Ҳало эй мардум! Бимнок бошед; Чароки шумо бидуни ҳидояте аз ҷониби Худо диндорӣ кардаед ва ба роҳҳоӣ ношинохта гом ниҳодаед ва дар гиру дори дигаргуниҳои замон ранг бохтаед ва дар кашо каши фитнаҳои ҷаҳон дар ҳам шикастаед ва акнун пайрави касоне шудаед ки Худованд пайравии ононро аз шумо нахостааст; Пас авлиёъатон шуморо аз нур ба торикӣ берун овардаанд ва бароятон дар дин чизеро ташриъ кардаанд ки Худованд ба он изн надода; Чунонки фармудааст: ﴿أَمْ لَهُمْ شُرَكَاءُ شَرَعُوا لَهُمْ مِنَ الدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنْ بِهِ اللَّهُ ۚ وَلَوْلَا كَلِمَةُ الْفَصْلِ لَقُضِيَ بَيْنَهُمْ ۗ وَإِنَّ الظَّالِمِينَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾ (Шуроъ/ 21); <<Ё барои онон пешвоёне аст ки барояшон чизе аз динро ташриъ кардаанд ки Худованд ба он изн надодааст ва агар набуд банои бар ҷудоӣ, миёни онон ҳукм мешуд ва ҳароина ситамкоронро азобӣ дарднок хоҳад буд>>. Ба ростӣ ки бим диҳанда бим дод ва ҳақ шинохта шуд ва ботил расво гардид, вале бештари мардум шиносо ва пазирои ҳақ нестанд. Албатта агар шинохт ва пазириши он бо аҳвоъи онон созгор буд ва дунёи касонеро ба хатар намеандохт, ҳамагон онро мешинохтанд ва мепазируфтанд ва ду кас дар бораи он ихтилоф намекарданд, аммо ҳақ

бар хилофи писандҳои деринаи мардум дар меояд ва боварҳои бебунёди ононро ки чун тори анкабут суст аст, фуру меравад ва доштаҳои дунявии ононро дар маърази хатар қарор медиҳад ва инҷост ки шиносои ҳақ кам мешавад ва пазирои он костӣ мепазирад. Ҳангоме ки ҳақ зуҳур мекунад сарватмандон барои сарвати худ нигарон мешаванд ва қудратмандон барои қудрати худ ҳаросон мегарданд ва шаҳирон барои шӯҳрати худ ҳирс мезананд ва вобастагон аз арбоби худ касби таклиф мекунанд ва муқаллидон аз мароҷеъи тақлиди худ истифтоъ менамоянд! Аз ин рӯ, ҳамеша фақирон ва мустазъафону гумномон ва озод андешону муҳаққиқон ҳастанд ки ҳаққро иҷобат ва аз он пайравӣ мекунанд; Зеро на ононро сарвате аст ки нигаронашон кунад ва на ононро қудрате аст ки ҳаросонашон кунад ва на ононро шӯҳрате аст ки ҳарисашон кунад ва на ононро арбоде аст ки бозхосташон кунад ва на ононро марҷаъе аст ки ақидаи худро бо номи фатво ба онон таҳмил кунад! Ҳангоме ки Ислом зуҳур кард, фақирони Макка онро иҷобат карданд ва сарватмандони Макка онро инкор намуданд; Мустазъафони Макка онро ёрӣ карданд ва қудратмандони Макка дар баробари он истоданд; Гумномони Макка ба он рӯй оварданд ва машҳурони Макка аз он рӯй гирифтанд; Озод андешони Макка аз он пайравӣ карданд ва вобастагони Макка аз бузургони қавми худ пайравӣ намуданд; Муҳаққиқони Макка дар бораи он таҳқиқ карданд ва муқаллидони Макка аз обоъу руъасои худ тақлид намуданд. Ҳамон Ислом, ғариб оғоз шуд ва акнун ба ғурбати оғозини худ боз гаштааст; Ҷуз он ки ғурбати вопасин аз ғурбати оғозин бузургтар аст; Зеро дар ғурбати оғозин, мардум бутҳое

аз санг ва чӯбро мепарастиданд ва дар ғурбати вопасин, мардум бутҳое аз гӯш ва хунро мепарастанд!

# Номаи нуҳум

**Номае аз он ҳазрат дар ташбеҳи кори худ барои Маҳдӣ ба кори Муслим ибни Ақил барои Ҳусейн**

Ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ дар номае барои Умайр ибни Аҳмади Ҳусейнӣ аз ёрони худ дар хуросон навишт:

<<بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Ва аммо баъд; Эй писари Аҳмад! Ҳароина мисли ман дар миёни аҳли Хуросон мисли Муслим ибни Ақил дар миёни аҳли Ироқ аст; Пас бингаред ки бо ман чигуна мекунед; Зеро ба Худо савганд Маҳдӣ барои чизе қиём мекунад ки Ҳусейн барои он қиём кард ва ҳар кас Маҳдиро ёрӣ кунад монанди касе аст ки Ҳусейнро ёрӣ карда ва растгорӣ барои касе аст ки ба паймони худ бо ӯ вафодор аст; Вассалом>>.

**Шарҳи нома:**

Муроди он ҳазрат аз ин тамсил он аст ки ҳамон тавр ки Муслим ибни Ақил барои заминасозии ҳукумати Ҳусейн ба Ироқ омад, он ҳазрат низ барои заминасозии ҳукумати Маҳдӣ ба Хуросон омадааст ва ҳамон тавр ки Муслим ибни Ақил аз аҳли Ироқ барои Ҳусейн байъат гирифт, он ҳазрат низ аз аҳли Хуросон барои Маҳдӣ байъат мегирад ва ҳамон тавр ки хизлони Муслим ибни Ақил тавассути аҳли Ироқ монеъ аз таҳаққуқи ҳукумати

Ҳусейн шуд, хизлони он ҳазрат тавассути аҳли Хуросон низ монеъ аз таҳаққуқи ҳукумати Маҳдӣ мешавад ва бо ин васф, бойиста аст ки аз торих ибрат гирифта шавад ва аз такрори он иҷтиноб шавад ва ин мубтанӣ бар сухани Худованди баландмартаба аст ки фармудааст: ﴿قُلْ سِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَانْظُرُوا كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الَّذِينَ مِنْ قَبْلُ﴾ (Рум/ 42); <<Бигӯ дар замин бигардед ва бубинед оқибати касоне ки дар гузашта буданд чигуна буд?>>.

# Номаи даҳум

**Номае аз он ҳазрат ки дар оғози ҳаракати худ навишт ва дар он мақсуди худро барои ҷаҳониён табйин кард.**

بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Ин чизе аст ки бандаи Худо Мансури Ҳошимии Хуросонӣ бо дасти худ менависад ва Худоро бар он гувоҳ мегирад, ҳангоме ки ба ягонагии Худо ва Паёмбарии бандааш Муҳаммад салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам шаҳодат медиҳад ва инки биҳишт ва дӯзах ҳақ аст ва растохез омадани аст ва Худо мурдагонро зинда мекунад ва аммо баъд..

Бидонед ки мақсуди ман аз ин ҳаракат, касби сарват ё қудрат ё шӯҳрат дар зиндагии дунё нест ва намехоҳам ки дар замин бартарӣ ёбам ё табоҳӣ ангезам ва дар дин бидъате гузорам ё фирқае барсозам ё ҳалолеро ҳаром ва ҳаромеро ҳалол гардонам ё муддаъии чизе шавам ки Худованд барои ман қарор надодааст. Бегумон ман фаришта нестам ва намегӯям ки ба ваҳй мешавад ва намегӯям ки соҳиби ин амр ҳастам ва намегӯям ки бо ӯ дар иртиботам. Ҷуз ин нест ки мақсуди ман аз ин ҳаракат, бар по доштани Ислом ва пиростани он аз бидъатҳо бар пояи китоби Худо ва суннати Паёмбари Ӯст. На ҷабборӣ ситамгар ва на шайёдӣ фитнагарам, бал омадаам то чизҳое аз Ислом ки фаромӯш кардаедро

ба ёд оварам ва чизҳое вз он ки пинҳон сохтаедро ошкор созам, беонки дар изояш аз шумо музде талабам ё бар шумо миннате биниҳам. Омадаам то халифаи Худо дар заминро тасдиқ кунам ва роҳро барои ӯ ҳамвор созам, пас гуруҳеро барои ёриаш фароҳам оварам ва дар зери болзоям бипарваронам, бо китобҳо ва ҳикматҳо ва пандҳо ва таъдибҳо, монанди шамъе ки дар торикӣ рӯшан мешавад, то чизе ки дур кардаедро наздик кунам ва чизе ки сахт кардаедро осон ва башорате барои ситамдидагон шавам ва ҳушдоре барои ситамкоронатон бошам. Бегумон ончи ваъда дода шудаед рост аст ва ончи интизор мебаред воқеъ мешавад, ҳангоме ки шуморӣ кофӣ аз шумо барои он қиём кунанд ва бархишон ба бархӣ дигар бипайванданд, то касе ки бар ҷони худ бимнок аст эмин шавад ва касе ки худро нотавон меёбад тавоно. Мақсуди ман аз ин ҳаракат, заминасозӣ барои ҳукумати Маҳдӣ аст. Мақсуди ман, амри ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Пас манро барои расидан ба мақсудам ёрӣ кунед, бошад ки Худованд аз шумо хушнуд шавад ва гуноҳоне ки дастҳотон пеш фиристодаастро биёмӯрзад, ҳангоме ки даъвати ман ба сӯи Ӯро иҷобат мекунед ва аз дур ва наздик ба наздам мешитобед, то дин ҳамааш барои Ӯ бошад ва малакуташ бар замин ояд ва номаш то абад тақдис шавад. Ҳароина ман ҳуҷҷатро бар шумо тамом кардам ва роҳамро ба шумо нишон додам. Акнун ҳар кас маро ёрӣ кунад ӯ аз ман аст ва ҳар кас маро хор дорад, Худованд ёвари ман аст, бар Ӯ таваккул кардаам ва бозгаштам ба сӯи Ӯст. Вассалом

# Номаи ёздаҳум

**Номае аз он ҳазрат дар тавсифи адолат ва даъват ба сӯӣ итрат ва аҳли байти Паёмбар салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**

بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Сипос мигузорам Парвардигорерo ки ҷуз Ӯ Парвардигоре нест; Додгаре ки ситам намекунад ва тавоное ки нотавон намегардад ва доное ки бехабар намемонад ва бедоре ки ба хоб намеравад ва зиндае ки намемирад; Худойе ки ба зоти худ сутуда аст ва аз ҳар костӣ ва кажӣ пироста; Худойе ки ба зоти худ қоъим аст ва дар қавоми худ доъим; Худойе ки дар авҷи зуҳур пинҳон аст ва дар пушти ҳазор парда намоён; Худойе ки замину осмон ва ҳар чи миёни он ду астро дар шаш рӯз биёфарид то далиле бошад бар рубубияти Ӯ; Худойе ки фариштагонро бо раҳмат ва қудрати хеш биёфарид ва дар ситорагон ва сайёрот ҷой дод то Ӯро биситоянд ва хидмат кунанд; Худойе ки инсонро бо ҳикмат ва қудрати хеш биёфарид ва ӯро бар бисёрӣ аз офаридагони хеш бартарӣ дод то Ӯро бишносад ва парастиш кунад. Пас ӯро дар биҳишти хеш маскан дод ва аз ҳар неъмате бархурдор намуд, то он гоҳ ки ӯ бартарӣ ҷуст ва нофармон гардид, пас ӯро ба заминӣ ноҳамвор табъид кард то қадри биҳишро бидонад ва фармонбардориро биёмӯзад ва аз ӯ аҳд гирифт ки ҳаргоҳ ҳидояте аз ҷониби

Вай барои ӯ омад, аз он пайравӣ кунад то андӯҳ ва ҳаросе барои ӯ набошад ва гумроҳу бадбахт нашавад; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْنَا اهْبِطُوا مِنْهَا جَمِيعًا ۖ فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُمْ مِنِّي هُدًى فَمَنْ تَبِعَ هُدَايَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ﴾ [Бақара/ 38]; <<Гуфтем ҳамагӣ аз он (биҳишт) фуруд ойед, пас ҳаргоҳ аз ҷониби Ман барои шумо ҳидояте омад, пас ҳар кас аз ҳидояти Ман пайравӣ кунад на тарсе бар ӯ хоҳад буд ва на андӯҳе>> Ва фармуд: ﴿فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُمْ مِنِّي هُدًى فَمَنِ اتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَىٰ﴾ [Тоҳо/ 123]; <<Пас ҳаргоҳ аз ҷониби Ман барои шумо ҳидояте омад, пас ҳар кас ҳидояти Маро пайравӣ кунад на гумроҳ мешавад ва на бадбахт>> Ва ин аҳд, калиде буд ки Худованд ба инсон бахшид то ба василаи он дарҳои бастаи растгориро бигушояд ва ба сӯи ҷойгоҳи нахустини хеш боз ояд. Сипас дар ин замини ноҳамвор, модарон зойиданд ва фарзандон болиданд ва наслҳо аз пайи наслҳо харомиданд ва мардумон фузунӣ ёфтанд ва дар кӯҳҳо ва биёбонҳо ва ҷангалҳо ва дарёҳо пароканда гардиданд ва ба тадриҷ дар гузори замин, пешинаи хешро аз ёд бурданд ва офаридагори хешро гум карданд ва пайванди хешро нодида гирифтанд ва бархӣ душманони бархӣ дигар шуданд; Чунонки Худованд аз пеш хабар дода ва фармуда буд: ﴿قَالَ اهْبِطُوا بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ ۖ وَلَكُمْ فِي الْأَرْضِ مُسْتَقَرٌّ وَمَتَاعٌ إِلَىٰ حِينٍ﴾ [Аъроф/ 24]; <<Гуфт (аз биҳишт) фуруд ойед! Бархӣ аз шумо барои бархӣ дигар душман хоҳед буд ва барои шумо дар замин қарогоҳе ва баҳрае мувақќат аст>>, вале онон баҳраи хеш дар заминро ҷовидон пиндоштанд ва гумон бурданд ки ба сӯи Парвардигорашон боз намегарданд. Пас бархӣ бар бархӣ дигар бартарӣ ҷустанд ва бархӣ бар бархӣ дигар ситам карданд, то он гоҳ ки дарё ва хушкӣ аз табоҳии онон оканда шуд; Чунонки Худованд

фармудааст: ﴿ظَهَرَ الْفَسَادُ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِي النَّاسِ﴾ [Рум/ 41]; <<Табоҳӣ дар хушкӣ ва дарё падид омад ба сабаби чизе ки дастҳои мардум фаро овард>>; Зеро бархӣ аз онон бархӣ дигарро ба қатл расонданд ва бархӣ аз онон бархӣ дигарро ба бардагӣ гирифтанд ва бархӣ аз онон бархӣ дигарро аз замин ронданд ва бархӣ аз онон бархӣ дигарро чаповул карданд ва бадин сон, замин аз зулм ва ҷаври онон оканда шуд. Дар ин ҳангом, Худованд аз миёни онон Паёмбаронеро баргузид ва бо нишонаҳои рӯшан ба сӯи онон фиристод ва ба ҳамроҳашон китоб ва мизон нозил кард, то мардум аз ситам дасти бардоранд ва ба адолат бархезанд; Чунонки фармудааст: ﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ﴾ [Ҳадид/ 25]; <<Ҳароина фиристодагони Хешро бо нишонаҳои рӯшан фиристодем ва ба ҳамроҳи онон китоб ва мизон нозил кардем то мардумон ба адолат бархезанд>> Ва ин, ҳадаф аз беъсати Паёмбарон буд; Зеро Худованд, худ одил буд ва ҷаҳонро бар пояи адолат офарид ва хуш дошт ки адолат дар он бар қарор бошад; Чунонки фармудааст: ﴿وَالسَّمَاءَ رَفَعَهَا وَوَضَعَ الْمِيزَانَ ۝ أَلَّا تَطْغَوْا فِي الْمِيزَانِ ۝ وَأَقِيمُوا الْوَزْنَ بِالْقِسْطِ وَلَا تُخْسِرُوا الْمِيزَانَ﴾ [Арраҳман/ 7-9]; <<Осмонро барафрошт ва мизон қарор дод; То шумо низ бар мизон наяфзойед; Ва бо адолат бисанҷед ва аз мизон накоҳед>>. Пас Паёмбаронро фиристод то бо зулм даромезанд ва ба адолат барангезанд ва оҳанро фиристод то онро дар даст гиранд ва бо касоне ки мекӯшанд адолат дар ҷаҳон набошад, биситезанд; Чунонки фармудааст: ﴿وَأَنْزَلْنَا الْحَدِيدَ فِيهِ بَأْسٌ شَدِيدٌ وَمَنَافِعُ لِلنَّاسِ﴾ [Ҳадид/ 25]; Чаркои ҷаҳон бар пояи адолат офарида шудааст ва ҷуз адолат сомон намепазирад. Ҳароина

зулм ҷаҳонро нобуд мекунад ва низоҳми офариншро бар ҳам мезанад ва заминро ба табоҳӣ мекашонад ва ҳаргиз Худованд онро бар ҷаҳониён нахостааст; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا اللَّهُ يُرِيدُ ظُلْمًا لِلْعَالَمِينَ﴾ [Оли Имрон/ 108]; <<Худованд ҳаргиз золимеро барои ҷаҳониён нахостааст>>. Ӯ аз рӯзи нахуст барои ҳар чизе <<Қадре>> қарор додааст ва <<Ҷойи>> мутаносиб бо қадри ӯ, то дар он қарор бигирад ва аз он берун наравад ки фасод пеш меоварад; Чунонки фармудааст: ﴿قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا﴾ [Талоқ/ 3]; <<Худованд барои ҳар чизе қадре қарор додааст>> Ва фармудааст: ﴿وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُ تَقْدِيرًا﴾ [Фурқон/ 2]; <<Ва ҳар чизеро офарид ва барои он қадреро муқаддар фармуд>> Ва фармудааст: ﴿إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَاهُ بِقَدَرٍ﴾ [Қамар/ 49]; <<Мо ҳар чизеро ба қадре офаридем>> Ва қадри ҳар чиз истеъдоде аст ки барои он қарор додааст ва бо ин васф, адл он аст ки ҳар чиз қадри худро бидонад ва дар ҷойе ки Худованд барои ӯ қарор додааст қарор гирад ва зулм он аст ки чизе қадри худро надоданд ва аз ҷойи худ берун ояд ва ҷойи дигаре ки Худованд барои ӯ қарор надодаастро бигирад ва фасод фарзанд зулм аст. Бадин сон, Худованд Паёмбарони худро нафиристод магар барои он ки қадрҳои мардумро ба ёдашон оваранд то мардум қадри хешро бишносанд ва ҷойи хешро пайдо кунанд ва дар ҷойе ки Худованд барои ҳар як аз онон қарор додааст қарор гиранд ва аз ҷойи хеш берун наёянд ва ҷойи дигарон ки ба қадрӣ онон нестро нагиранд ва бо ин кор, ба якдигар зул накунанд ва дар замин фасод наянгезанд. Пас Паёмбарон ба изни Худованд мардумро бо қадрҳошон ки истеъдодҳои онон буд, ошно сохтанд ва онон ро ба сӯи адолат фаро хонанд ва аз зулм боз

доштанд то ҷоҳои худро дар рӯи замин пур кунанд ва бархӣ ҷойи бархӣ дигарро нагиранд ва истеъдодҳои худро ба фаъолият расонанд ва бархӣ монеъи ба фаъолияти расидани истеъдодҳои бархӣ даигар нашаванд, то бадин сон ҳамагӣ ба камоли хеш даст ёбанд ва ҷаҳон аз адолат анбошта гардад, пас аз он онки аз зулм анбошта гардидааст. Пас Паёмбарон яке аз пайи дигарӣ, бо ҳидоят ва нишонаҳои рӯшан омаданд ва бо ҳар уммате ба забони ӯ сухан гуфтанд ва дар чаҳор гӯшаи ин замини паҳновар, аз кӯҳу биёбон ва ҷангалу дарё, нидои <<Адолат>> сар доданд ва ба забонҳо ва дастҳои худ бо <<Зулм>> дар омехтанд, аммо бештари мардумон ки аҳди Худованд дар рӯзи табъидро аз ёд бурда ва калиди растгориро гум карда буданд, ононро такзиб намуданд ва даъваташонро иҷобат накарданд; Чароки қадри хешро намедонистанд ва ба ҷойгоҳи хеш қонеъ набуданд ва бархӣ бар бархӣ дигар бартарӣ меҷустанд ва бо зулм ва фасод маънус буданд ва аз бузургонашон дар замин пайравӣ мекарданд ва бузургонашон дар замин мекӯшиданд то Паёмбаронро аз рӯи он бардоранд; Зеро медонистанд ки худ дар ҷойи дигарон нишастаанд ва агар таслими адолат гарданд, бояд аз ҷойе ки дар он ништстаанд бархезанд ва бузургиро ба касоне вогузоранд ки Худованд ононро бузург доштааст; Касоне ки дар замин кӯчак шумурда шудаанд ва аз дасти инон ситам дидаанд! Пас ҳеҷ Паёмбаре аз ҷониби Худо наёмад, магар онки бузургони мардум ӯро инкор карданд ва дар баробараш истоданд то пеш наёянд; Чунонки фармудааст: ﴿وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُمْ بِهِ كَافِرُونَ﴾[Сабоъ/34]; <<Ҳеҷ бимдиҳандаеро дар сарзамине нафиристодем магар онки бузургонаш

гуфтанд: Мо ба чизе ки барои он фиристода шудаед кофирем>> Ва ба Худо савганд чизе ки бимдиҳандагон барои он фиристода шуда буданд <<Адолат>> буд ки бузургони сарзаминҳо онро бар наметобиданд; Чароки адолат ҳамвора ба зиёни мустакбирон ва ба суди мустазъафон буда ва онҳоро пойин ва инҳоро боло кашидааст! Пас онҳо, бархеро сар буриданд ва бархеро сӯзонданд ва бархеро назди шерони гурусна афкananд ва бархеро аз кӯҳи баланд партоб карданд ва бархеро аз замин ронданд ва инҳо ҳама барои он буд ки адолатро бар наметобиданд ва аз барқарории он ҳаросон буданд! То ҷойе ки Нӯҳӣ Паёмбар алайҳи салом нӯҳсаду панҷоҳ сол фаро хонд ва танҳо ҳаштод тан ӯро иҷобат карданд ки ҳашт тан аз онон хонаводаи ӯ буданд ва рӯй доди ки банӣ исроъил дар як шаб то баромадани офтоб, ҳафтод Пайғамбари покро куштанд ва сипас ба сари касбу кори худ омаданд ва хурмофуруш фарёд мезад: Хурмо! Хурмо! Ва ин гуна Паёмбарон аз пайи Паёмбарон омаданд ва мардумро ба сӯи адолат фаро хонданд ва такзиб шуданд ва ситам диданд, то онгоҳ ки навбат ба Муҳаммад салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам вопасин Паёмбар ва ворисi Паёмбарони гузашта расид. Худованд ӯро дар замоне фиристод ки муддатҳо буд Паёмбаре наёмада ва ваҳйе нозил нагашта буд; Кутоби осмонӣ таҳриф ва суннатҳои неку дигаргун гардида буд; Роҳҳои растгорӣ пинҳон ва парчамҳои ҳидоят сарнагун шуда буд; Мардум бутҳоро мепарастиданд ва дар торикиҳои авҳому хурофот саргашта буданд; Дар ҷоҳилият мезистанд ва дар ҷоҳилияти мемурданд; Қадри хешро намедонистанд ва ба якдигар ситам мекарданд. Дар чунин ҳангомеи саҳмгине, Худованд

Паёмбари хешро баргузид ва китоби хешро бар ӯ нозил фармуд. Ӯ низ ба бойистагӣ, расолати Парвардигорашро адо намуд ва ба шойистагӣ, дар ин роҳ шикебойи варзид; Паёми адолатро ки ба ӯ супурда шуда буд, иблоғ кард ва иҷрои адолатро ки ба ӯ фармон дода буд, дар пеш гирифт; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ أَمَرَ رَبِّي بِالْقِسْطِ﴾ [Аъроф/ 29]; <<Бигӯ Парвардигорам ба адолат фармон додааст>> Ва фармудааст: ﴿وَأُمِرْتُ لِأَعْدِلَ بَيْنَكُمُ﴾ [Шӯро/ 15]; <<Ва фармон дода шудаам ки адолатро миёни шумо иҷро кунам>>. Пас ба сӯи адолат даъват кард ва барои иҷори он дар миёни мардум кӯшид, аммо кофирони Макка даъвати ӯро иҷобат накарданд ва мунофиқони Мадина саъйи ӯро зойеъ намуданд, то онки Худованд ҷавори хешро барои ӯ писандид ва руҳи покашро ба сӯи худ боло бурд ва ба арвоҳи Паёмбароне ки пеш аз ӯ буданд мулҳақ фармуд; ﴿إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ﴾. Ҳароина ин поёни силсилаи Паёмбарӣ ва баста шудани дарвозаҳои ваҳй буд, аммо суннати табдилнопазири Худованд бар ин ҷорӣ шуда буд ки замини худро як рӯз бидуни халифае дар он боқӣ нагзорад ки адолатро дар он мумкин созад; Чунонки фармудааст: ﴿إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾ [Бақара/ 30]; <<Ҳароина Ман дар замин халифаеро қарор диҳандаам>>! Пас Паёмбарашро аз миёни мардум набурд то онгоҳ ки касеро барои пас аз ӯ гумошт ва мардумро аз қадр ва ҷойи онон огоҳ сохт то шохиси адолат ва муҷрии он пас вз ӯ бошад ва то кори ӯро комил кунанд ва саъйи ӯро ба натиҷа расонанд ва онон ҳамоно итрати ӯ аҳли байташ буданд ки аз иродаи худ ба татҳирашон хабар дода ва маваддаташонро бар бандагони худ фарз намуда ва дар бораяшон фармудааст: ﴿إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيرًا﴾ [Аҳзоб/ 33];

<<Ҷуз ин нест ки Худовандирода дорад то ҳар гуна олойишро аз шумо аҳли байти бизудояд ва шуморо комилан покиза гардонад>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَىٰ﴾ [Шӯро/ 23]; <<Бигӯ ман аз шумо музде намехоҳам магар маваддат ба наздиконамро>>, дар ҳоле ки фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا ۖ إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرَىٰ لِلْعَالَمِينَ﴾ [Анъом/ 90]; <<Бигӯ ман аз шумо музде намехоҳам, он ҷуз мояи тазаккуре барои ҷаҳониён нест>> Ва фармудааст: ﴿قُلْ مَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِلَّا مَنْ شَاءَ أَنْ يَتَّخِذَ إِلَىٰ رَبِّهِ سَبِيلًا﴾ [Фурқон/ 57]; <<Бигӯ ман аз шумо музде намехоҳам, магар инки касе бихоҳад ба сӯи Парвардигораш роҳе бигирад>>! Пас маваддатиононро мояи тазаккуре барои ҷаҳониён ва роҳе ба сӯи хеш сохта ва покизагии онон аз ҳар олойишеро пуштивонае барои он қарор додааст то бандагонашро пас аз Паёмбараш биёзмояд, чунонки пеш аз ӯ озмуд, то бидонад ки чи касоне аз онон фармони Ӯро мебаранд ва чи касоне аз онон нофармонанд, дар ҳоле ки ҳар кас фармони Ӯро бибарад ба суди худаш аст; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ مَا سَأَلْتُكُمْ مِنْ أَجْرٍ فَهُوَ لَكُمْ﴾ [Сабаъ/ 47]; <<Бигӯ музде ки ман аз шумо хостам барои худатон аст>>! Ҳароина хулафоъи Худованд дар замин касоне ҳастанд ки ба қадри ҳар чиз дар он ва ҷояш ҳидоят шуда ва аз ҳар зулме покиза гардидаанд, то ҳар чиз дар онро ба путивонаи покизагияшон, дар ҷойе ки Худованд барои он қарор додааст қарор диҳанд, то бадин сон адолат варзанд ва зулмро аз миён бардоранд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَمِمَّنْ خَلَقْنَا أُمَّةٌ يَهْدُونَ بِالْحَقِّ وَبِهِ يَعْدِلُونَ﴾ [Аъроф/ 181]; <<Ва аз касоне ки офаридаем шуморе ҳастанд ки ба ҳақ ҳидоят мекунанд ва бо он адолат меварзанд>> Ва онон

ҳамоно итрати Паёмбар аҳли байташ ҳастанд ки мардумро аз қадри онон огоҳ сохта ва ба ҷояшон далолат намуда ва пеш аз маргаш дар бораяшон фармудааст: ﴿أيّها النّاسُ إنّي أُوشَكُ أنْ أُدْعىٰ فأُجيبَ و إنّي مَسؤُولٌ و أنتُم مَسؤُولونَ فإنّي تارِكٌ فيكُم خَليفَتَيْنِ كتابَ اللّهِ و عِتْرَتي أهلَ بَيتي إنْ تَمَسَّكْتُم بهما لَن تَضِلُّوا بَعدِي فانْظُرُوا كَيفَ تَخْلُفُوني فيهما و إنّهما لَن يَفْتَرِقا حتّى يَرِدا عليَّ الحَوضَ نَبَّأني بذلكَ اللّطيفُ الخَبيرُ﴾; <<Эй мардум! Ман наздик шудааст ки фаро хонда шавам пас иҷобат кунам, дар ҳоле ки ман масъулам ва шумо низ масъул ҳастед; Пас ман дар миёни шумо ду халифа боқӣ мегузорам: Китоби Худо ва итратам аҳли байтам, ҳаргоҳ ба он ду тамассук ҷӯйед ҳаргиз пас аз ман гумроҳ нахоҳед шуд, пас бингаред ки пас аз ман бо он ду чи мекунед ва он ду ҳаргиз аз ҳам ҷудо намешаванд то он гоҳ ки назди ҳавз бар ман ворид шаванд, Борикбини огоҳ манро аз ин хабар додааст>>! Аммо эй дариғ ки ба сӯи Худованд фаро хонда шуд ва иҷобат кард, бештари онон ба он ду тамассук наҷустанд; Чароки пиндоштанд китоби Худованд барои онон кофӣ аст ва ононро ба итрат ва аҳли байти Паёмбараш ҳоҷате нест! Пас қадри итрат ва аҳли байти ӯро аз ёд бурданд ва ҷойи ононро гирифтанд ва инҷо буд ки гумроҳии уммат оғоз шуд ва сели бадбахтияшон ба роҳ афтод! Оё Худованд дар китоби худ, бо онон аҳд накарда буд ки аз ҳидояти Ӯ пайравӣ кунанд то бадбахт нашаванд?! Ва Паёмбараш дар суннати худ, бо онон аҳд накрда буд ки китоби Худо ва итрат ва аҳли байташ дар омезанд, то гумроҳ нагарданд?! Пас чи шуд ки аҳди Худоро аз ёд бурданд ва аҳди Паёмбарашро зери по намуданд?! Ҳароина бегумон онон хатокорон буданд. Пас аз он буд ки ин уммат, монанди галлаи саргардоне шуд ки чӯпони хешро аз даст дода бошад ва гургон надонанд ки аз

кадомин сӯи он, даридан оғоз карданд! Мардум дар торикӣ фуру рафтанд ва даста даста аз дин баргаштанд. Суннатҳо фаромӯш шуданд ва бидъатҳои табоҳкунанда рух намуданд. Исломи ҷавон, чунон ҷомаи ҷармине ки воруна бар тан намоянд божгун гардид, то онҷо ки мардум ба ҷоҳилияти нахустини хеш бозгаштанд ва шеваҳои мурдаи ҷоҳилиро зинда карданд. Ҳасанро ба сулҳ водоштанд ва Ҳусейнро ба ҷанг ва фарзандони поки Ҳусейн ки ба адолат фармон медодандро яке пас аз дигарӣ мақтул сохтанд ва ба ҷойи онон касонеро баргумоштанд ки бахрае аз қадри онон надоштанд; Чунонки гӯйӣ сухани Худовандро нашунида буданд ки фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْفُرُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ وَيَقْتُلُونَ النَّبِيِّينَ بِغَيْرِ حَقٍّ وَيَقْتُلُونَ الَّذِينَ يَأْمُرُونَ بِالْقِسْطِ مِنَ النَّاسِ فَبَشِّرْهُمْ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ ۝ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ وَمَا لَهُمْ مِنْ نَاصِرِينَ﴾ [Оли Имрон/ 21 ва 22]; <<Ҳароина касоне ки ба нишонаҳои Худованд кофир мешаванд ва Паёмбаронро бе ҳеҷ ҳаққе мекушанд ва касоне аз мардум ки ба адолат фармон медиҳандро мекушанд, ба азобӣ дарднок башораташон деҳ; Онон касоне ҳастанд ки аъмолашон дар дунё ва охират нобуд шуд ва барояшон ҳеҷ ёрӣ кунандае нест>>. Сипас паёмади ин хирасарӣ он шуд ки ҷабборон аз пай ҷабборон ва сафиҳон аз пайи сафиҳон ва фосиқон аз пайи фосиқон ва бидъатгузорон аз пайи бидъатгузорон бар уммат мусаллат шуданд ва ҳар як ба андозае бар амвол ва анфуси онон даст бурданд ва ба ҳеҷ як аз имомони итрат ва аҳли байти Паёмбар фурсат надоданд то чанде ду пойи хешро ба ҷойи хеш устувор доранд ва коми хушкидаи мазлумонро аз паймонаи адолат сероб созанд! Ҳар як бо тарфанде, барои худ машрӯъият бофтанд ва барои онон маъзурият сохтанд ва онгоҳ

савор бар арробаи қудрат, бар аввалу охири уммат тохтанд ва дини Худоро дар сарошебии нобудӣ дар андохтанд ва дар ин миён, мардуми нодон ки ҳамвора товони сангини нодонии хешро пардохтаанд, бархӣ золимонро бар зидди бархӣ дигар ёрӣ расонданд ва ҳукумати золимеро бар ҷойи ҳукумати золиме нишонданд; Чунонки фармудааст: ﴿وَكَذَٰلِكَ نُوَلِّي بَعْضَ الظَّالِمِينَ بَعْضًا بِمَا كَانُوا يَكْسِبُونَ﴾ [Анъом/ 129]; <<Ин гуна бархӣ золимонро бар бархӣ дигар мегуморем ба сабабиончи касб мекарданд>>! То он гоҳ ки навбат ба Маҳдӣ расид ва қиёмат наздик шуд ва дилҳо сахт гардид. Пас Худованд бандае аз бандагонашро аз ҷойе ки офтоб медамад барангехт, бо ҳикмат ва андарзи неку то ахди Ӯро ба ёди онон оварад ва ононро ба сӯи халифааш дар замин аз итрат ва аҳли байти Паёмбараш даъват кунад, бошад ки онон бозгарданд ва он банда ман ҳастам. Пас даъватамро иҷобат кунед ва ба сӯи Маҳдӣ бозгардед, то гуноҳонатон омӯрзида шавад ва корҳотон сомон ёбад, пеш аз онки рӯзе бар шумо бирасад ки бар Од ва Самуд ва қавми Нӯҳ расид.

﴿وَالسَّلَامُ عَلَىٰ مَنِ اتَّبَعَ الْهُدَىٰ﴾ [Тоҳо/ 47]

# Номаи дувоздаҳум

**Фарозҳое аз номаи он ҳазрат дар некуҳиши ҳокимони золим ва олимони вобаста ба онон**

Худовандро чунонки сазовор аст нашнохтанд, ҳангоме ки ҳокимоне ҷуз Ӯ ихтиёр карданд ва ба аҳкоме ҷуз аҳкоми Ӯ гардан ниҳоданд ва дар бораъш чизе гуфтанд ки ба он донише надоштанд, ҳангоме ки гуфтанд: Худованд моро ба ин фармон додааст, дар ҳоле ки Худованд ба ширк фаромон намедиҳад, вале онон бар Ӯ дурӯғ бастанд...

Роҳзанонӣ роҳи Худо мардумро аз китоби Худо ва халифаи Ӯ боздоштанд ва ба худ машғул карданд, чунонки кӯдакро аз пистони модар боз медоранд ва ба пситонак машғул мекунанд! Сипас паёмади ин роҳзанӣ он шуд ки мардум ба тақлид аз онон муътод шуданд ва дере нагузаш ки аз чолаи тақлид дар фуруъ, ба чоҳи тақлид дар усул дарафтоданд ва ононро бар охират ва дунёи хеш мусаллат сохтанд ва вилояташон бар хешро чунон вилояти Худованд гардан ниҳоданд ва ононро Худовандгороне ҷуз Худованд гирифтанд; Монанди Яҳудиён ки бо коҳинони хеш чунин карданд ва ононро дар фитрати Паёмбаронашон ба Худовандгорӣ гирифтанд ва чун Паёмбаре барои онон зуҳур мекард, ба ишораи онон ӯро такзиб мекарданд ё ба фатвои онон ӯро мекуштанд; Зеро ҳеч Паёмбаре барои онон зуҳур

намекард, магар инки бар зидди коҳинонашон сухан мегуфт ва аз рӯӣ риёкориҳо ва хиёнатҳояшон парда бар мегирифт...

Ба ростӣ ки китоби Худоро пушти сар андохтаед ва халифаи Ӯро зойеъ гузоштаед ва ақлро дар пои хоҳишҳоятон зебҳ кардаед ва ин чандон шигифт нест; Зеро шумо беш аз ҳазор сол аст ки аз асри Паёмбарон дур шудаед ва рӯзгори фитрат ба шумо дарозӣ ёфтааст ва акнун халфи гузаштагоне ҳастед ки на Паёмбареро диданд ва на васии Паёмбареро, пас динро аз онон мерос бурдед; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَخَلَفَ مِنْ بَعْدِهِمْ خَلْفٌ وَرِثُوا الْكِتَابَ يَأْخُذُونَ عَرَضَ هَٰذَا الْأَدْنَىٰ وَيَقُولُونَ سَيُغْفَرُ لَنَا وَإِنْ يَأْتِهِمْ عَرَضٌ مِثْلُهُ يَأْخُذُوهُ ۚ أَلَمْ يُؤْخَذْ عَلَيْهِمْ مِيثَاقُ الْكِتَابِ أَنْ لَا يَقُولُوا عَلَى اللَّهِ إِلَّا الْحَقَّ وَدَرَسُوا مَا فِيهِ ۗ وَالدَّارُ الْآخِرَةُ خَيْرٌ لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ ۗ أَفَلَا تَعْقِلُونَ﴾ [Аъроф/ 169]; <<Сипас ба ҷои гузаштагон, халафе омадаанд ки динро аз онон мерос бурдаанд, пас пешниҳодаҳои ин дунёро мегиранд ва мегӯянд ки мо омӯрзида хоҳем шуд ва агар чизи дигаре барояшон пеш ниҳода шавад онро низ мегиранд! Оё паймони дин аз онон гирифта нашуда буд ва дарси онро нахонда буданд ки ба Худованд ҷуз ҳақ нисбат надиҳанд ва саройи охират барои касоне ки парҳезкоранд беҳтар аст?! Оё хирад намеварзед>>?! Пас по бар ҷои пои падаронатон наиҳодед ва зуррияи пас аз онон будед; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَوْ تَقُولُوا إِنَّمَا أَشْرَكَ آبَاؤُنَا مِنْ قَبْلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةً مِنْ بَعْدِهِمْ ۖ أَفَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ الْمُبْطِلُونَ﴾ [Аъроф/ 173]; <<Ё бигӯйед: Ҳамон падаронамон аз пеш шарик гирифтанд ва мо низ зуррияти пас аз онҳо будим, оё пас моро ба ончи аҳли ботил карданд ҳалок мекунӣ>>?!...

Зинҳор фиреби зоҳири ононро нахуред ва хоми

илқоъоти онон нашавед; Зеро онон монанди шаётинанд ки аз рост ба суроғатон омадаанд; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قَالُوا إِنَّكُمْ كُنْتُمْ تَأْتُونَنَا عَنِ الْيَمِينِ﴾ [Софот/ 28]; <<Гӯянд шумо аз рост ба суроғи мо меомадид>>! Дар ҳоле ки рост ва чап ҳар ду бероҳаанд ва ба як анҷом меанҷоманд ва он ҳамоно оташ аст ки бад анҷоме барои гумроҳон аст. Дини Худоро бо китоби Ӯ ва халифааш бишиносед, на бо ороъи риҷол; Зеро касоне ки дини Худоро бо ороъи риҷол шинохтаанд, дини Худоро нашнохтаанд...

Онгоҳ ба пуштивонаи ин манзалат ки Худованд барои онон қарор надодааст, ҳар мусалмоне ки таслими ҳукми онон нашавад ва аз аҳвоъи онон пайравӣ накунадро озор медиҳанд ва таъарруз ба мол ва ҷон ва обурӯи ӯ ки Худованд мӯҳтарам доштаастро ҳалол медонанд ва бархӣ уъмоли онон ки таҳти фармонашон кор мекунанд дар замин табоҳӣ меангезанд ва бархӣ пайравонашон ки бештарашон сафиҳонанд, аз мухолифонашон бароъат меҷӯянд, чунонки гӯйи мухолифони Худованд будаанд ва дар миёни онон бадбахтҳое ҳастанд ки барои онон мекушанд ва кушта мешаавнд! ...

Инон ҳанӯз болиғ нашуда буданд ки фарёд заданд ва ҳанӯз бол дар наёварда буданд ки парвоз карданд ва ҳанӯз шино наёмӯха буданд ки ба дарё париданд! Пас ҷомаеро бар тан намудаанд ки барои онон бузург аст ва кафшеро по кардаанд ки аз пояшон боз мемонд! Бузургтар аз даҳонашон луқма бардоштаанд ва бештар аз шикамашон таъом хурдаанд, пас наздик аст ки дандонҳошон аз ҳам гусаста шавад! Монанди роҳибони ҷома мепӯшанд, вале монанди кофирон меандешанд ва монанди солеҳон сухан мегӯянд, вале монанди ҷабборон

амал мекунанд! Чунон морҳои хуш хат ва холанд ки дарунӣ оканда аз захр доранд! Бомдодон барои ситам берун меоянд ва шомгоҳон барои найранг ба хона боз мегарданд! Дилҳошон аз кибру оз оканда аст ва ҷуз ҳифзи қудраташон савдое дар сар надоранд! Мустакбиронро некуҳиш мекунанд, дар ҳоле ки худ аз зумраи ононанд ва муддаъиёниро дуруғгӯ мешуморанд, дар ҳоле ки худ иддаъои ононро доранд! Динро фидои сиёсат кардаанд ва охиратро ба дунӯ фурухтаанд! Гуноҳони бузург кардаанд ва бидъатҳои зишт ниҳодаанд! Ноҳалолро ба мансабҳо гумоштаанд ва фурумоягонро ба мақомҳо расондаанд! Неконро манзавӣ сохтаанд ва хайрхоҳонро бадном намудаанд!...

Ба Худо савганд, агар дар минтақаи онон бингаред онро басӣ суст меёбанд ва агар ҳуҷҷаташонро баррасид онро басӣ нотамом мебинед. Афкорашон парешон ва ақволашон мутанокиз аст; Чароки Худованд барои ончи мегӯянд бурҳоне нозил накардааст ва онон ба Ӯ нисбати дурӯғ медиҳанд...

Магар касоне аз онон ки ниятӣ неку доранд ва чун даъвати Худовандро мешунаванд, иҷобат мекунанд ва ба сӯи Ӯ боз мегарданд ва аз сафи золимон берун меоянд; Чароки онон аз зумраи парҳезкоронанд ва оқибат барои парҳезкорон хоҳад буд, ҳангоме ки гуноҳонашон омӯрзида мешавад ва хатоҳояшон аз ёд меравад ва дар биҳиштҳое дохил мешаванд ки аз зери онҳо наҳрҳо ҷорӣ аст, то подоше барои сабрашон бошад ва Худовандро подошӣ бузург аст...

Чаро ҳеҷ як аз онон ки дар замин мекнат дода шуданд ба сӯи халифаи Худованд дар он фаро нахонданд ва аз

молу силоҳи худ ба ӯ набахшидад то монанди онон дар он менат дода шавад? Оё тарсиданд ки аз мекнаташон дар он коста шавад? Лоҷарам ҳамаи мекнаташон дар онро аз даст хоҳанд дод ҳангоме ки халифаи Худованд дар он ба мекнат мерасад, то ҷойе ки хушбаттарини онон касе хоҳад буд ки гӯсфандони қарияи падарашро мечаронад! Оё ҳокиме дар дунё ёфт намешавад ки ҳукумати худ дар онро бифурӯшад, дар изои инки барояш ҳукумате дар биҳишт бошад? Ҳароина Худованд ба гирифтани ҳукумати онон бо қаҳр қодири аст, вале мехоҳад ки онро бо рағбат ба Ӯ биспоранд...

Ҳақиқат ин аст ки шумо аз бими инҳироф ба чап, ба рост мунҳариф шудаед ва аз бими тафрит, ба ифрот дучор омадаед ва аз бими оташ, ба даруни он паридаед! Дар ҳоле ки Худованд шуморо уммати миёна қарор дода ва аз чапу рост бар ҳазар дошта ва фармудааст: ﴿وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَاكُمْ أُمَّةً وَسَطًا﴾ [Бақара/ 143]; <<Ва ин чунин шуморо умматӣ миёна қарор Додаем>>. Пас ҷуз валии Ӯ авлиёъе нагиред ки бадбахт мешавед ва ҷуз роҳи ӯ роҳҳое напӯйед ки гумроҳ мешавед! Ҳароина ман барои шумо бародарӣ хайрхоҳ ҳастам. Оё мехоҳед аз касоне бошед ки дар рӯзи растохез мегӯянд: ﴿رَبَّنَا إِنَّا أَطَعْنَا سَادَتَنَا وَكُبَرَاءَنَا فَأَضَلُّونَا السَّبِيلَا﴾ [Аҳзоб/ 67]; <<Парвардигоро! Мо аз ҳокимон ва бузургонамон итоъат кардем пас онон моро гумроҳ карданд>>?! ...

Зинҳор! Шайтон шуморо нафиребад ки таваҳҳуми истирор кунед ва бигӯйед ки инсон барои мо аз дигарон беҳтаранд ва моро аз инон гузире нест ва дафъи афсад ба фосид мекунем; Чароки агар шумо тақво пеш гиред ва розӣ ба фасод нашавед ва аз пайравии тоғут бипарҳезед,

Худованд барои шумо аз ҷойе ки намепиндоред роҳе мегушояд ва шуморо ду баҳра аз раҳматаш арзонӣ медорад ва барои шумо нуре қарор медиҳад то дар партуви он гом бирдоред ва кӯтоҳии гузаштаятонро мебахшояд; Чароки Ӯ бисёр омӯзанда ва меҳрубон аст; Чунонки фармудааст: ﴿وَالَّذِينَ اجْتَنَبُوا الطَّاغُوتَ أَنْ يَعْبُدُوهَا وَأَنَابُوا إِلَى اللَّهِ لَهُمُ الْبُشْرَىٰ﴾ [Зумар/ 17]; <<Ва касоне ки аз пайравии тоғут бипарҳезанд ва ба сӯи Худованд боз гарданд, барояшон башорат аст>>. Инак ман шуморо башорат медиҳам: Худованд ҳаргиз бандагони хешро миёни бад ва бадтар саргардон насохта ва Ӯ Ҳакимтар ва Каримтар аз он аст ки чунин карда бошад, бал барои онон варои бад ва бадтар, хубӣ қарор додааст, вале бештари онон аз он бехабаранд. Акнун ман берун омадаам то шуморо аз он хабар диҳам ва пас аз рӯзгоре ки бар шумо дароз омадааст, парда аз рӯи он баргирам, бошад ки басират ёбед. Акнун ман барои шумо паёме овардаам ки дар он барои шумо фараҷ аст ва шояд Худованд кореро оғоз карда ки бар шумо пӯшида бошад; Чароки Ӯ бар ҳар коре тавоност. Пас агар поям ба замин устувор монад ва касоне ки мехоҳанд Худо парастиш нашавад манро аз рӯи он бар надоштанд, бо шумо сухан хоҳам гуфт ва ҳақро ошкор хоҳам сохт, чандон ки кӯдакон онро аз бар кунанд ва занони хонанишин ба он масал зананд ва агар поям гирифта шавад ва аз рӯи замин бардошта шавам боке надорам; Чароки аз падаронам беҳтар нестам ва ҷонам аз ҷони онон гиромитар нест ва чи ширин аст барои ман пайвастан ба онон, дар ҳоле ки аз китоби Худо ва суннати Паёмбараш пайравӣ намудаам ва дар Ислом бидъате ворид накардаам ва муддаъии чизе ки барои ман нест нашудаам ва дар замин бартарӣ

наҷустаам ва табоҳӣ наянгехтаам ва таклифи хеш дар қиболи қавмамро анҷом додаам; Ва чи беҳтар аст барои ман магар аз зистан дар ҷаҳоне ки бо зулм анбошта шуда ва аз мурдори саг наҷастар гардидааст! Бетардид, бозгашти ман ба сӯи Худованд аст ва Ӯ миёни ман ва касоне аз шумо ки манро хор доранд ва ситам кунанд, довар хоҳад буд. Ба касоне аз шумо ки ҳақро бишиносанд ва бар сари он истодагӣ кунанд ваъда додааст ки ононро дар замин мекнат диҳад ва ойини писандидаяшонро барояшон бигустаронад ва тарсашонро пас аз дере ба амният табдил намояд, то ӯро ба пиростагӣ бирасонад ва касеро бо Ӯ шарик насозад. Онгоҳ касоне ки бар Худованд дурӯғ бастаанд аз раҳмати Ӯ нумед хоҳанд шуд ва хоҳанд донист ки Ӯро дар замин оҷиз натавонанд кард ва Худованд ба ваъдаи худ вафо мекунад ва Ӯро нуре аст ки густаронандаи он аст, ҳар чанд кофирон хуш надоранд. Ҳангоме ки суханонӣ гуногун шунида мешавад ва ҳар кас аз сӯйе нидое сар медиҳад, аз сухане пайравӣ кунед ки бо сухани Худованд ва Паёмбараш созгортар аст ва ба нидое посух диҳнад ки бо нидои ақл ҳамоҳангтар аст; Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَبَشِّرْ عِبَادِ ۝ الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾ [Зумар/ 17-18]; <<Башорат бидеҳ бандагонамро; Ҳамонон ки суханонро мешунаванд ва аз беҳтаринашон пайравӣ мекунанд, онон ҳамоно касоне ҳастанд ки Худованд ҳидояташон кардааст ва онон ҳамоно хирадмандонанд>> Ва ин гуна бо шумо мукотиба кардем, бошад ки шумо мутазаккир шавед ва ба сӯи ҳақ боз гардед ва Парвардигоратонро бо ойинӣ пироста барои Ӯ бипарастед ва аз парастиши тоғут, агар чи дар радои Ислом бошад бипарҳезед ва барои

адолат ба по хезед то фитна аз замин барафтад ва дин ҳамааш барои Худо бошад ва касоне ки дар бораи оёти Ӯ муҷодила мекунанд бидонанд ки ононро гурезгоҳе нест ва дуруд бар касе ки пайрави ҳидоят аст.

# Номаи сездаҳум

**Номае аз он ҳазрат барои яке аз ёронаш ки дар он ӯро панд медиҳад ва аз разоъили ахлоқи барҳазар медорад.**

Ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ дар номае барои Муҳамад ибни Алии Ҳошимии Маданӣ –яке аз ёрони худ– навишт:

<<بسم اللّه الرّحمن الرّحيم

Эй бародарзода! Туро суфориш мекунам ба тарс аз Худо дар пинҳониву ошкор ва инки Ӯро бисёр ёд кунӣ; Чароки бисёр ёд кардани Ӯ сипарӣ пос доранда дар баробари гуноҳон аст ва туро суфориш мекунам ба шинохти дин ва огоҳӣ аз ақойид ва аҳкоми он; Чароки ноогоҳӣ аз ақойиди он заминаи гумроҳӣ ва ноогоҳӣ аз аҳкоми он заминаи гуноҳкорӣ аст ва ҳар кас бо дин ошнотар аст ба иқомаи он тавонотар аст ва туро суфориш мекунам ба ҳарфшунавӣ ва фармонбардорӣ аз касоне ки Худованд ононро бар ту гумоштааст; Чароки ҳарфшунавӣ ва фармонбардорӣ аз онон мояи ободнии дунё ва охират ва хайру салоҳи мусалмонон аст ва туро суфориш мекунам ба инки салиқаи худро монанди ақидаи худ надонӣ ва раъйи худро ҷузъӣ аз дини худ напиндорӣ; Монанди касоне ки бар ин поя ба дигарон ситам меварзанд ва дар замин фитнаҳо меангезанд, то чизе ки намеписандандро бартараф созанд ва чизе

ки меписандандро барқарор кунанд, дар ҳоле ки ончи намеписанданд назди Худованд ботилтар аз чизе ки меписанданд нест. Зинҳор аз касоне набош ки аз худ розӣ ва аз дигарон норозӣ ҳастанд; Чароки онон дӯст дошта намешаванд ва аз касоне набош ки худро бартар аз дигарон меингоранд; Зеро Худованд ба касоне ки бартар аз дигаронанд огоҳтар аст. Ҳамвора монанди хок фурутан бош ва монанди санг сарсахтӣ накун; Зеро хок ба сабаби фурутании худ баракат ёфт, дар ҳоле ки санг ба сабаби сарсахтии худ нафрин шуд. Ҳангоме ки лағзише аз ту сар мезанад ба таъвили он накӯш; Чароки таъвили он, худ лағзишӣ дигар аст, балки ба он эътироф кун то омӯрзида шавӣ; Чароки Худованд эътироф кунандагонро меомӯрзад ва таъвил кунандагонро дурӯғгӯ мешуморад. Аз насиҳати носиеҳон ҳар чанд сахт намояд хурсанд бош ва аз тамаллуқи чоплусон барҳазар; Зеро насиҳати носеҳ монанди абрӣ тира ва ғавғогар аст ки аз он мойеъи ҳаёт меборад, дар ҳоле ки тамаллуқи чоплус монанди заҳрӣ кушанда омехта бо шаҳдӣ ширин аст. Ту аз касоне ҳастӣ ки ман ба онон умед дорам; Пас илм ва амали худро афзун кун ва бидон касе аз шумо ёри Маҳдӣ шумурда намешавад то он гоҳ ки олимтарин ва оъмилтарини марди диёри худ бошад.

# Номаи чаҳордаҳум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он ба сӯи ҳукумати Худованд даъват мекунад ва аз ҳукумати ғайри Ӯ боз медорад.**

<<Ҳон эй мардум! Аз ман бишнавед, агар гӯши шунаво доред; Чароки барои шумо масале мезанам: Ҳароина масали шумо дар зиндагии дунё масали кӯдаке будааст ки модари хешро дар анбӯҳи ҷамъият гум карда бошад, пас ба умеди даст ёфтан бар ӯ ба домони ҳар зане чанг мезанад ва муддате дар пайи ӯ равон мегардад, то он гоҳ ки аз ӯ бемеҳрӣ мебинад ва дар меёбар ки ӯ модар нест, пас шевонкунон ӯро во мегузорад ва ба домони дигарӣ меовезад, то он гоҳ ки торикии шаб ӯро фаро мегирад ва сармои он ӯро талаф мекунад, дар ҳоле ки ёрӣ кунандае барои ӯ нест! Ин будааст масали шумо дар зиндагии дунё ки ба умиди даст ёфтан бар адолат, ба ҳар ҳукумате дил бастаед ва муддате аз он пайравӣ кардаед, то он гоҳ ки аз он зулм дидаед ва дарёфтаед ки дар он адолат нест, пас фарёдкунон онро бар андохтаед ва ба ҳукумати дигарӣ рӯй овардаед! Пас ин гуна, дар ҷустуҷӯи адолат, гоҳе ба шарқ майл кардаед ва гоҳе ба ғарб; Гоҳе ба чап давидаед ва гоҳе ба рост; Гоҳе ба Зайд рӯй овардаед ва гоҳе ба Амр; Гоҳе ба салтанат дил бастаед ва гоҳе ба ҷумҳврият! Дар ҳоле ки адолат, на дар шарқ будааст ва на дар ғарб; На дар чап будааст ва на дар рост; На дар Зайд будааст ва на дар Амр; На дар

салтанант будааст ва на дар ҷумҳурият! Адолат танҳо дар ҳукумати Худованд будааст ки аз қадрҳо ва ҷоҳои шумо огоҳ аст ва ҷуз Ӯ касе ба он роҳ намеёбад агарчи бисёр пӯйиш ва кӯшиш кунад, магар касе ки Ӯ ба он Маҳдияш сохтааст, аммо шумо аз раҳмати Ӯ ноумед ва аз Маҳдии Ӯ ғофил шудаед ва аз ин рӯ, ҳукумате ки Ӯ барои Маҳлияш хостаастро ба касоне супурдаед ки Ӯ ҳукумате барои онон нахостааст! Ту гӯйи ҳукумат, мероси падаронатон аст ки онро аз ҳар кас мехоҳед мегиред ва ба ҳар кас мехоҳед медиҳед ва гӯйи аз они Худованд нест ки фармудааст: ﴿قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ تُؤْتِي الْمُلْكَ مَنْ تَشَاءُ وَتَنْزِعُ الْمُلْكَ مِمَّنْ تَشَاءُ﴾[Оли Имрон/ 26]; <<Бигӯ Худовандо! Молики ҳукумат Туӣ! Ҳукуматро ба ҳар кас мехоҳӣ медиҳӣ ва ҳукуматро аз ҳар кас мехоҳӣ мегири>> Ва Ӯ онро ба Иброҳим дода ва аҳдӣ бо одилони зуррияаш сохта ва фармудааст: ﴿وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا قَالَ وَمِنْ ذُرِّيَّتِي قَالَ لَا يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ﴾ [Бақара/ 124]; <<Ва чун Иброҳимро Парвардигораш бо калимоте омӯрзид, пас чун онҳоро ба анҷом расонд, фармуд: Ман туро барои мардум имоме қарор диҳандаам, гуфт: Ва аз зурриям? Фармуд: Аҳди ман ба золимон намерасад>> Ва одилони зуррияи ӯ касоне ҳастанд ки Худованд хостааст ҳар нопокиро аз онон бизудояд ва ононро комилан пок гардонад ва онон дар китоби Худованд аҳли байти Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ҳастанд [Аҳзоб/ 33] Ва аз инҷо дониста мешавад ки Маҳдии Худованд, аз оли Иброҳим алайҳи салом ва аҳли байти Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст ва ҳар кас ҳокиме ҷуз ӯ ихтиёр кунад, ба гумроҳии дуре дучор шудааст.

Шигифто ки мардуми ҳар замон дасти байъат бо

касе додаанд ва ақди вилоят бо касе бастаанд ва надонистаанд ки ҳеҷ кас ҷуз касе ки Худованд ӯро барои ин кор ҳидоят карда ва тавоно сохтааст, аз ӯҳдаи он бар намеояд ва ҳаққи онро адо намекунад! Онон адолатро назди касоне ҷустаанд ки адолат назди онон набуда ва аз ҳокимони худ таваққуъи кореро доштаанд ки дар тавони онон набудааст! Чигуна адолат варзад касе ки қадри мардумро намедонад ва ҷои ононро намешиносад, бал қадри худро нашинохта ва аз ҷои худ берун аст?! Чигуна адолат варзад касе ки худ золим аст ва дар ҷои дигарӣ нишастааст ва чигуна ислоҳ кунад касе ки худ фосид аст ва ҷаҳонро ба фасод кашидааст?! Оё мардумон дар замин сайр накарданд ва дар саргузашти падаронашон назар наяндохтанд ки ба гадойии ҷуръаи адолат дар баробари ҳар ҳукумате зону задаанд ва дасти ҳар ҳокимеро буса додаанд, аммо ҳеҷ як бар ташнагии онон раҳм накард ва ононро ҷуръанӯши адолат нанамудааст?! Дар ҳоле ки ба Худо савганд, онон ташнатар аз он будаанд ки ба ҷуръае сероб шаванд ва ҷуз наҳрӣ азим ононро сероб натавонад кард! Пас бо ин васф, чи шудааст ки аз рӯзи нахуст то имрӯз, авлиёъи Худо ҳамвора маҳкум будаанд ва авлиёъи шайтон ҳамвора ҳоким! Фарзандони анбиё ҳамвора хонанишин будаанд ва фарзандони адъиё ҳамвора минбарнишин! Аъиммаи имон ҳамвора беёвар будаанд ва аъиммаи куфр ҳамвора пурёвар! Агар кохе буда ҳамвора барои золимон будааст ва агар кухе буда ҳамвора барои покизагон! Агар қудрате буда ҳамвора барои мушрикон будааст ва агар ҳиҷрате буда ҳамвора барои паёмбарон! Агар байъате буда ҳамвора барои Язидиён будааст ва агар шаҳодате буда ҳамвора барои Ҳусейниён! Агар давлате буда ҳамвора барои гумроҳон

будааст ва агар ғайбате буда ҳамвора барои Маҳдиён! Ин чи расвоӣ аст ки торихро фаро гирифта ва ин чи девонагӣ аст ки ҷаҳонро гирифтор кардааст?! Оё мардумонро чашм нест то бибинанд ки ҳокимонашон ҳама ситам мекунанд ва адолат намеварзанд?! Ё ононро гуш нест то бишнаванд ки сиёсатмадоронашон ҳама дурғ мегӯянд ва рост намегӯянд?! Ё ононро ҳуш нест то пай баранд ки раҳбаронашон ҳама гумроҳ мекунанд ва роҳ наменамоянд?! Пас то ба кай ин захми чиркин, гушуда хоҳад буд ва то ба кай ин девонагӣ идома хоҳад дошт?! Ҳон, эй мардум! Ба ман бигӯйед! То ба кай бояд монанди сиёҳмастон, аз рост ба чап ва аз чап ба рост билангед, то охирул амр бифаҳмед ки рост ва чап барои шумо яксон аст ва дар ҳеҷ як адолат нест?! Ба ман бигӯйед! Чанд ҳукумати дигарро бояд биёзмойед ва товони чанд итоъати дигарро бояд бипардозед, то саранҷом дарёбед ки ҳеҷ ҳукумате ҷуз ҳукумати Худованд, шуморо ба адолат намерасонад ва ҳеҷ итоъате ҷуз итоъати халифааш, шуморо аз зулм намераҳонад?! Оё ин ҳазорон сол таҷриба, басанда нест?! Оё ин товонҳои сангин, басанда нест?! Оё Намрудҳо ва Фиръавнҳоро нашунидид?! Оё Касроҳо ва Қайсарҳоро накашидид?! Оё халифаҳо ва шоҳонро надидид?! Оё ҷумҳуриҳо ва Исломиҳоро наёзмудид?! Пас оё ҳанӯз ибрат нагирифтаед?! То куҷо ба ин захми кӯҳна намак хоҳед зад?! Ва то куҷо ба ин ҷунуни торихӣ идома хоҳед дод?! Ҳон, эй подшоҳон ва амирони ситамкор ки барои касби султа ва ҳифзи он, хуни бегуноҳонро мерезед! Ҳон, эй фақиҳон ва руҳониёни риёкор ки ба ғайри ҳақ, худро гумоштаи Худо ва валии амри муслимини ҷаҳон медонед! Ҳон, эй риҷоли сиёсӣ тамъакор ки барои даст

ёфтан ба ҳукумат, мусобиқа мегузоред! Ҳон, эй аҳзоби сиёсии фиребкор ки ҷуз дар пайи қудрат нестед! Ҳон, эй фирқаҳо ва гурӯҳҳои табаҳкор ки барои бартарӣ ёфтан дар замин, мекушид! Даст аз ин мардуми ранҷдида бардоред ва аз миёни онҳо ва соҳибашон канор биравед! Оё ҳазорон сол зулм ва фасод басанда нест?! Оё як торих, зиллат ва масканат басанда нест?! Оё хаста нашудаед аз ин ҳама шарорат ва фитнаангезӣ?! Пас кай ба ин бозии кӯдакона поён хоҳед дод?! Пас кай аз ин равишҳои такрорӣ боз хоҳед истод?! Инак гӯшҳои худро фароз овардед то бишнавед; Зеро ман нидо диҳандае аз маконӣ наздик ҳастам ки нидо медиҳам: Эй мардум! Оё замони он нарасидааст ки ба асли хеш боз гардед?! Оё замони он нарасидааст ки аҳди Худо бо падаратон Одамро ба ёд оваред?! Оё замони он нарасидааст ки амонатро ба соҳибаш рад кунед ва ҳукуматро ба аҳлаш боз гардонед?! Оё ҳанӯз ҳам ба ин ҳукуматҳои ранг ба ранг умеде доред?! Оё ҳанӯз ҳам мепиндоред агар ба ҷои Зайд, Амр бар сари кор биёяд, кор сомон меёбад?! Чи бисёр Амрҳое ба ҷои Зайдҳо бар сари кор омаданд ва кор сомон наёфт; Чароки сомони кор аз ҷойи дигар буд ва шумо ғофил будед! Пас то ба кай ба умеди ин ва он хоҳед нишаст ва парчами ин ва онро афрошта хоҳед дошт?! То ба кай хешро залил хоҳед кард ва дастбӯси ин ва он хоҳед буд?! То ба кай ваъдаҳои дурӯғин, шуморо хом хоҳад сохт ва орзуҳои дароз, шуморо бозӣ хоҳад дод?! То ба кай монанди харҳои осиёб, ба гирди як меҳвар хоҳед чархид ва таваҳҳуми пешрафт хоҳед кард?! Ҳон, эй мардум! Чигуна аст ки ҳазорон сол, пушти худро ба ҳар ҳайвони ноқисе додаед ва дасти худро ба инсони комил надодаед?! Чигуна аст ки ҳазорон сол, ҳар

рутубатеро макидаед ва дарёи ширинро раҳо кардаед?! Чигуна аст ки ҳазорон сол, дар пайи ҳар саробе давидаед ва дар пайи оби гуворо гоме барнодоштаед?! Оё ба худ нахоҳед омад ва ба сӯи асл боз нахоҳед гашт?! Оё аз хоб бедор нахоҳед шуд ва ин кобус ба поён нахоҳад расид?! Оё аз торикӣ берун нахоҳед омад ва ин шоми сиёҳ саҳар нахоҳад дошт?! Оё аз мастӣ ба ҳуш нахоҳед омад ва ин гичӣ аз сар нахоҳад рафт?! Оё чашм нагушода ногоҳ такон нахоҳед хӯрд ва бар по нахоҳед истод?! Оё сари хешро боло нахоҳед овар ва ҷуз пеши пои хешро нахоҳед дид?! Чунин мебинам ки аз пистони ҷаҳл шир хӯрдаед ва бар домони зулм парвариш ёфтаед ва гӯшту хунатон бо ман ноошност! Зинҳор ноошноиятон бо ман шуморо вонадорад ба инки даъватамро иҷобат накунед; Зеро ман бародари хайрхоҳи шумо ҳастам ки ба сӯи ҳақ даъвататон мекунам ва овозамро мешунавед ҳангоме ки фарёд медорам: Бозгардед, бозгардед ба сӯи Ислом; Чароки шумо аз он бисёр дур шудаед! Шумо аз асли худ фосила гирифтаед ва худро аз ёд бурдаед! Шумо ақли худро тарк гуфтаед ва монанди кӯдакон ва девонагон шудаед! Шумо аҳди Худоро нақз кардаед ва мероси Паёмбарашро зойеъ намудаед; Ҳамон аҳд ки бо падаратон Иброҳим баст ва ҳамон меросе ки дар борааш фармуд: «ما إِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِ لَنْ تَضِلُّوا بَعْدِي»; <<То ҳангоме ки ба он мутамассик бошед ҳаргиз пас аз ман гумроҳ намешавед>>! Пас онро зойеъ намедаед ва пас аз ӯ гумроҳ шудаед, дар гумроҳии дуре; То ҷое ки боғи меваро во гузошаед ва хорзорро чаридаед ва дарёи ширинро во гузоштаед ва рутубатро макидаед ва ғазои покро раҳо кардаед ва мурдорро ба дандон гирифтаед ва асали холисро дур рехтаед ва ҳанзалро ҷавидаед

ва ҳукумати Худовандро во гузоштаед ва ба ҳукумати шайтон сар супурдаед! Дар ҳоле ки боғи мева барои шумо аз хорзор ва дарёи ширин барои шумо аз рутубат ва ғазои покиза барои шумо аз мурдор ва асали холис барои шумо аз ҳанзал ва ҳукумати Худованд барои шумо аз ҳукумати шайтон беҳтар аст! Зинҳор! Ҳидояти хешро ба ғайри Маҳдӣ насупоред; Зеро касе роҳро аз кӯр намепурсад ва бо киштии сӯрох ба дарё намеравад! Пас оё ҳукумате ҷуз ҳукумати Худованд меҷӯйед?! Дар ҳоле ки адолат танҳо дар ҳукумати Худованд аст; Ҳукумате ки ба дасти халифаи Маҳдияш таҳаққуқ меёбад на ба дасти ғайри ӯ ва хулафо ва шоҳон ва фақиҳон дар ин амр бо ҳам бародаранд, ҷуз онки дар шеваи зулм тафовут доранд ва барҳӣ беш аз барҳӣ дигар ситам мекунанд; Монанди қотилоне ки ҳамагӣ мекушанд, ҷуз онки хафа мекунанд ва барҳӣ сар мебуранд ва барҳӣ сам менӯшонанд! Ба суханам гӯш фаро доред; Зеро суханӣ беҳтар аз ин нахоҳед шунид; Дунёи шумо ҷуз бо адолат ислоҳ намешавад ва охирати шумо ҷуз бо адолат сомон намепазирад ва адолат ҷуз бо ҳукумати Маҳдӣ имкон намеёбад ва ҳукумати Маҳдӣ ҷуз бо ҳамёрии шумо шакл намегирад, вале бештари шумо намедонед!>>.

**Шарҳи нома:**

Эй бандаи Худо! Агар чашми дилат нобино нест, дар ин андарзномаи нуронӣ назар кун, то роҳи растгориро биёбӣ ва роҳнамояшро бишносӣ ва бидонӣ ки даъвати ӯ ҳаққи мубин аст ва ҳар даъвате ҷуз он залоле аст баъид ва сипас онро бар наздикони худ бихон ва ба гӯши соири мардум бирасон, бошад ки монанди ту онро иҷобат кунанд ва аз ҳамёрӣ барои ҳукумати тоғут даст бардоранд ва ба ҳамёрӣ барои ҳукумати Худованд

рӯй оваранд ва бо хости ҷамъӣ ва ҳимояти кофии худ, заминаи зуҳури халифаи Худовандро бисозанд ва ба саъодати дунё ва охират ноъил шаванд.

# Номаи понздаҳум

## Ду нома аз он ҳазрат дар бораи аҳкоми хумс

1 . أَخْبَرَنا عَبْدُ الشَّكُورِ بْنُ زُلْمَيَ الْوَرْدَكِيُّ، قالَ: كانَ لِي صَدِيقٌ مِنْ أَهْلِ بامِيانَ وَ كانَ يَبْحَثُ عَنِ الْكَنْزِ فَدَعانِي إِلىٰ ذٰلِكَ عَلىٰ أَن يَكُونَ لِي نِصْفُهُ فَقُلْتُ: حَتّىٰ أَسْأَلَ الْمَنْصُورَ، فَكَتَبْتُ إِلَيْهِ أَسْأَلُهُ عَنْ ذٰلِكَ فَكَتَبَ إِلَيَّ بِخَطِّهِ: لا يَبْحَثُ عَنِ الْكَنْزِ إِلّا سَفِيهٌ وَ مَنْ وَجَدَهُ فَلْيُؤَدِّ خُمْسَهُ فَإِنَّهُ مِنَ الْغَنِيمَةِ!

### Тарҷумаи нома:

Абдшшукур ибни Зулмаӣ Вардакӣ моро хабар дод, гуфт: Дӯсте аз аҳли Бомиён доштам ки дар пайи ганҷ мегашт, пас манро низ ба ин кор даъват кард дар изои инки нисфи он барои ман бошад, пас гуфтам: Бояд аз ҳазрати Мансур бипурсам, пас номае барои он ҳазрат навиштам ва дар бораи ин кор аз ӯ пурсидам, пас барои ман бо хатти худ навишт: Ҷуз сафиҳ дар пайи ганҷ намегардад ва ҳар кас ки онро биёбад бояд хумси онро бипардозад; Чароки он аз ғанимат аст!

### Шарҳи нома:

Барои хондани шарҳе бар ин номаи нуронӣ, ба пурсиш ва посухи 183 муроҷиъа кунед.

2 . أَخْبَرَنا عَبْدُ اللّهِ بْنُ حَبِيبِ الطَّبَرِيُّ، قالَ: كَتَبْتُ إِلَى الْمَنْصُورِ أَسْأَلُهُ عَمّا يَجِبُ فِيهِ الْخُمْسُ، فَكَتَبَ إِلَيَّ بِخَطِّهِ: إِعْلَمْ يَرْحَمُكَ اللّهُ أَنَّ كُلَّ ما يَرْزُقُكَ اللّهُ مِنْ حَيْثُ لا تَحْتَسِبُ فَفِيهِ الْخُمْسُ كَالْغَنِيمَةِ وَ الْكَنْزِ وَ الْمَعْدِنِ وَ الْحِلْيَةِ الَّتِي تَسْتَخْرِجُها مِنَ الْبَحْرِ وَ الْهِبَةِ وَ الْجائِزَةِ وَ الْفائِدَةِ الْكَبِيرَةِ الَّتِي تَفْضُلُ عَنْ مَؤُونَتِكَ وَ الْمِيراثِ الَّذِي لا تَحْتَسِبُهُ مِنَ الْبَعِيدِ

وَ الْمالِ الَّذي تَكْنِزُهُ فَلا تَأْكُلُ مِنْهُ وَ لا تُنْفِقُهُ فِي سَبِيلِ اللّهِ إذا حالَ عَلَيْهِ الْحَوْلُ فَعَلَيْكَ فِي ذٰلِكَ الْخُمُسُ تُخْرِجُهُ إِلىٰ خَلِيفَةِ اللّهِ فِي الْأَرْضِ وَ الْيَتَامىٰ وَ الْمَسَاكِينِ وَ ابْنِ السَّبِيلِ مِنْ آلِ هاشِمٍ إِنْ كُنْتَ آمَنْتَ بِاللّهِ وَ مَا أَنْزَلَ عَلىٰ عَبْدِهِ يَوْمَ الْفُرْقَانِ يَوْمَ الْتَقَى الْجَمْعَانِ وَ اللّهُ عَلىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ!

**Тарҷумаи нома:**

Абдуллоҳ ибни Ҳабиби Табарӣ моро хабар дод, гуфт: Барои Мансур навиштам ва аз ӯ дар бораи чизе пурсидам ки дар он хумс воҷиб аст, пас бо хатти худ барям навиш: Бидон –Худованд туро раҳмат кунад– ки ҳар чи Худованд туро аз ҷойе ки намепиндорӣ рӯзӣ медиҳад, дар он хумс аст, монанди ғанимат ва ганҷ ва маъдан ва зеваре ки аз дарё берун меоварӣ ва ҳадя ва ҷойиза ва суди ҳангуфте ки аз махориҷат бештар аст ва меросе ки ба он гумон надорӣ аз (хешовандӣ) дур ва моле ки онро меанборӣ, пас на аз он мехурӣ ва на дар роҳи Худованд инфоқ мекунӣ ҳаргоҳ як сол бар он бигзарад, пас бар ту дар он хумс воҷиб аст ки онро ба сӯи халифаи Худованд дар замин ва ятимон ва мискинон ва дар роҳ мондагони аз хонадони Ҳошим берун меоварӣ, агар ба Худованд ва чизе ки бар бандааш дар рӯзи ҷудоӣ –рӯзе ки ду гурӯҳ бо ҳам рӯёрӯ шуданд– имон дорӣ ва Худованд ба ҳар чизе тавоност!

**Шарҳи нома:**

Барои хондани шарҳе бар ин номаи нуронӣ, ба пурсиш ва посухи 264 муроҷиъа кунед.

# Номаи шонздаҳум

**Номаи арзишманд аз он ҳазрат ки ҳовии си дастури ахлоқӣ аст.**

Яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт: Барои Мансури Ҳошимии Хуросонӣ аъядуллоҳи таъоло номае навиштам ва аз ӯ хостам ҳар амале ки пас аз шинохти ҳақ ва ёрии он бояд анҷом диҳам то растгор шавамро бароям бинависад. Пас бароям навишт:

<<Ва аммо баъд;

[1 .] Намозро дар аввали вақти он барпо дор.

[2 .] Нофилаи шабро тарк накун ва дар саҳаргоҳ ба истиғфор кӯш.

[3 .] Агар метавонӣ ки лаҳзае аз Худованд ғофил набошӣ пас набош; Чароки ғафлат аз Ӯ решаи ҳар гуноҳе аст.

[4 .] Маргро бисёр ёд кун ва ба зиёрати қабрҳо бирав; Чароки дере бар замин нахоҳӣ монд.

[5 .] Панҷшанбеи аввал ва охар ва чоҳоршанбеи васати ҳар моҳро рӯза бигир; Чароки ин суннат аст.

[6 .] Садақа бидеҳ; Чароки гоноҳонатро фуру мерезад.

[7 .] Бо падар ва модарат некӣ кун, агарчи бо ту бадӣ кунанд; Чароки ба андозаи кофӣ бо ту некӣ кардаанд.

[8 .] Раҳими хешро қатъ накун, агарчи ба тори мӯйе овехта бошад.

[9 .] Дурӯғ нагӯ, магар онки битарсӣ кушта шавӣ ё касеро ба куштан диҳӣ.

[10 .] Ғайбат накун, магар онки кофир ё фосиқе бошад. Пас чун бар дигарон дар ғаиёби онон хӯрда мегирӣ бигӯ: Касоне ки чунин мекунанд ё чунон мегӯянд ва номе аз онон набар.

[11 .] Ҷидол накун, агарчи ҳақ бо ту бошад, балки далилатро бигӯ ва сукут кун, агарчи муттаҳам ба шикаст шавӣ.

[12 .] Хатоятро бипазир, агарчи бинеят ба хок молида шавад.

[13 .] Аз ҳар кори баде ки мебинӣ наҳй кун ва ба ҳар кори хубе ки намебинӣ амр кун. Ин калиди ислоҳи ҷаҳон аст.

[14 .] Пургӯйи накун то солим бимонӣ; Чароки гуфтори фаровон холӣ аз айб нест.

[15 .] Мазоҳ накун, магар онки рост бигӯйи.

[16 .] Ба касе дашном надеҳ ва тӯҳмат назан, агарчи шойистаи марг бошад.

[17 .] Ба ваъдаат поянда бош, агарчи бо кӯдаке бошад.

[18 .] Обурӯи мӯъминро нарез; Чароки обурӯят рехта хоҳад шуд.

[19 .] Хашм нагир, магар инки онро фуру диҳӣ; Чароки хашм дарвозае аз дарвозаҳои дӯзах аст.

[20 .] Бар мардум сахт нагир то бар ту сахт нагиранд;

Яъне айбҷӯйи, мушикофӣ, шамотат ва талофӣ накун.

[21 .] Корҳоятро ба дигарон наспор магар он гоҳ ки фуру мемонӣ.

[22 .] Шикаматро пур накун ва чизе ки муносиби табъат нест нахур.

[23 .] Ғаризаи ҷинсият девӣ гурусна ва хуфта аст. Зинҳор онро бедор накун ки туро хоҳад хӯрд.

[24 .] Дар бораи чизе ки намедонӣ, изҳори назар накун; Чароки ба газзофагӯӣ дучор хоҳӣ шуд.

[25 .] Камтар аз панҷ соъат ва бештар аз ҳашт соъат нахоб; Чароки ба худ зиён хоҳӣ расонд.

[26 .] Ҳар хабаре ки мешунавиро ҳикоят накун; Чароки мумкин аст дурӯғ бошад.

[27 .] Вақти ту аз алмос гаронбаҳотар аст. Пас онро барои бозӣ ва коре ки фоидае надорад сарф накун.

[28 .] Мутолеъа кун; Чароки ҳанӯз чизҳои бисёре ҳаст ки намедонӣ.

[29 .] Варзиш кун; Чароки мӯъмини қавӣ аз мӯъмини заъиф беҳтар аст.

[30 .] Покиза ва ороста бош, агарчи рӯзнома бар тан дошта бошӣ.

Аз Худованд барои худам ва ту талаби тавфиқ ва мағфират дорам ва салом бар ту ва ҳар касе ки пайрави ҳидоят аст>>.

### Шарҳи нома:

Барои мардон ва занони мӯъмин бойиста аст ки қадри

ин номаи арзишмандро бидонанд ва онро барномаи тазкия ва ислоҳи худ қарор диҳанд, то бо ин шева ба Худованд тақарруб ёбанд ва барои ёрии халифааш дар замин омода шаванд.

# Номаи ҳабдаҳум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз аҳли Помпей ёд мекунад ва пайравони шаҳавотро бим медиҳад.**

Оё касоне ки аз бодаи шаҳавот сармастанд ва дар ботлоқи лаззот ғӯта мехуранд, аз саргузашти Помпей ибрат намегиранд? Гӯйи хандаҳои мастонаи аҳлашро мешунавем ҳангоме ки ҷомҳои шаробро ба ҳам мезананд ва аз фарти тараб рақс мекарданд ва занони зеборо дар бар мегирифтанд ва овоз медонанд ки бинӯшед ва хуш бошед ва марг аз шумо дур бод! Пас ногоҳ дар рӯзӣ тобистонӣ, ҳангоме ки дар савоҳили Нопул истироҳат мекарданд, аз ҷониби кӯҳи Визуви бонгеро шуниданд ва оташеро диданд ки ба сӯяшон забона мекашид; Бо гармое ки гӯштро мепухт ва дуде ки нафасро мебурид ва оворе ки устухонро мешикаст ва зулмате ки рӯзро шаб менамуд! Пас фурсат наёфтанд ки бигурезанд; Бал фурсат наёфтанд ки бархезанд; Чароки ҳамагӣ дар ҷоҳои худ ба хиштҳои пухта табдил шуданд ва дар хокистари доғ фуру рафтанд ва инки шумо ононро мебинед ки чунон муҷассамаҳоӣ атиқа сар аз хок баровардаанд ва чунон кӯзаҳойи шикаста бар сари роҳ афтодаанд!

**Шарҳи нома:**

Помпей номи шаҳре дар наздикии халиҷи Нопул дар Итолиё аст ки рӯзгоре маҳалли тафрруҷ ва ишрати румиён буд ва дар соли 79 мелодӣ ба дунболи фаварони

оташфишони Визуви аз рӯи замин маҳв шуд ва 1500 сол баъд дар соли 1599 милодӣ сар аз хок баровард, дар ҳоле ки аҷсоди аҳлаш ба сурати солим ва бо ҳолати сангвора мушоҳида мешуд ва нишон медод ки онон фурсате барои гурез, балки маҷоле барои бархостан пайдо накардаанд. Он ҳазрат дар ин фароз аз номаи омӯзандаи худ, аз саргузашти онон ёд мекунад ва аз касоне ки монанди онон таслими шаҳватҳо ва дар пайи лаззатҳои номашруъ ҳастанд мехоҳад ки аз оқибати онон ибрат бигиранд ва худро аз азоби ногаҳонӣ ва саҳмгини Худованд эмин надонанд.

Дар зер, тасовире аз аҷсодӣ сокинони шаҳри Помпей ва намунаҳои қолибгирӣ шуда аз онҳо мушоҳида мешавад:




www.alkhorasani.com

# Номаи ҳаждаҳум

## Номае аз он ҳазрат дар бораи сувгворӣ барои аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алаҳйи ва олиҳи ва саллам ва аҳкоми он

أَخْبَرَنا وَليدُ بْنُ مَحْمُودٍ السَّجِسْتانيُّ قالَ: كَتَبْتُ إِلَى الْمَنْصُورِ الْهاشِميِّ الْخُراسانيِّ أَسْأَلُهُ عَمّا يَفْعَلُ النّاسُ فِي الْحِدادِ لِأَهْلِ بَيْتِ النَّبِيِّ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ، فَكَتَبَ إِلَيَّ: لا بَأسَ بِذِكْرِ أَهْلِ بَيْتِ النَّبِيِّ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ وَ وَصْفِ أَعْمالِهِمْ وَ الثَّناءِ عَلَيْهِمْ بِالْحَقِّ وَ يَحْرُمُ الْكِذْبُ فِيهِمْ وَ الْإِفْتِراءُ عَلَيْهِمْ قَطْعاً وَ لا بَأْسَ بِالْبُكاءِ عَلىٰ مَصائِبِهِمْ وَ إِنْشادِ الشِّعْرِ فِيهِمْ إِذا كانَ صِدْقاً وَ يُكْرَهُ ضَرْبُ الرُّؤُوسِ وَ الْخُدُودِ وَ الصُّدُورِ وَ الظُّهُورِ كَما يَفْعَلُ الْعامَّةُ، لِقَولِ رَسُولِ اللّٰهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ: «لَيْسَ مِنّا مَنْ ضَرَبَ الْخُدُودَ وَ شَقَّ الْجُيُوبَ وَ دَعا بِدَعْوَى الْجاهِلِيَّةِ» وَ قَولِهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ: «أَنا بَرِيءٌ مِمَّنْ حَلَقَ وَ سَلَقَ وَ خَرَقَ» وَ إِنَّمَا الْمَرْغُوبُ فِيهِ الْبُكاءُ وَ لَيْسَ وَراءَ ذٰلِكَ شَيْءٌ مَشْرُوعٌ، لِقَولِ رَسُولِ اللّٰهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ: «إِنَّهُ مَهْما كانَ مِنَ الْعَيْنِ وَ مِنَ الْقَلْبِ فَمِنَ اللّٰهِ عَزَّوَجَلَّ وَ مِنَ الرَّحْمَةِ وَ ما كانَ مِنَ الْيَدِ وَ مِنَ اللِّسانِ فَمِنَ الشَّيْطانِ» وَ كَذٰلِكَ الضَّرْبُ فِي الْأَرْضِ بِآلاتِ اللَّهْوِ مَعَ الرّاياتِ وَ الْأَعْلامِ الْمُبْتَدَعَةِ، فَكُلُّ ذٰلِكَ بِدْعَةٌ وَ كُلُّ بِدْعَةٍ ضَلالَةٌ وَ كُلُّ ضَلالَةٍ سَبِيلُها إِلَى النّارِ وَ لا بَأسَ بِالْإِجْتِماعِ فِي الْمَساجِدِ وَ الْبُيُوتِ لِمَدْحِهِمْ وَ ذِكْرِ مَصائِبِهِمْ وَ الْبُكاءِ عَلَيْهِمْ وَ تَعْزِيَةِ ذَوِي مَوَدَّتِهِمْ ما لَمْ يَكُنْ مَعَهُ كِذْبٌ أَو فُحْشٌ أَو ضَرْبٌ أَو جَرْحٌ أَو تَبْذِيرٌ أَو تَأخِيرُ صَلاةٍ عَنْ أَوَّلِ وَقْتِها وَ قَدْ بَكىٰ رَسُولُ اللّٰهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ عَلىٰ وَلَدِهِ إِبْراهِيمَ وَ ذَكَرَ خَدِيجَةَ عَلَيْهَا السَّلامُ فَمَدَحَها وَ بَكىٰ عَلَيْها وَ حَثَّ عَلَى الْبُكاءِ عَلىٰ حَمْزَةَ رَضِيَ اللّٰهُ عَنْهُ وَ بَكَتْ فاطِمَةُ عَلَيْهَا السَّلامُ عَلىٰ رَسُولِ اللّٰهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ وَ مَدَحَتْهُ وَ كانَ سَعْدُ بْنُ مُعاذٍ رَضِيَ اللّٰهُ عَنْهُ يُمْدَحُ عِنْدَ قَبْرِهِ وَ رَسُولُ اللّٰهِ صَلَّى اللّٰهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ يَسْمَعُ فَلا يَنْهىٰ عَنْهُ، فَكُلُّ هٰذا سُنَّةٌ وَ إِنَّمَا الْحَرامُ الْبِدْعَةُ.

### Тарҷумаи нома:

Валид ибни Маҳмуди Саҷистонӣ моро хабар дод, гуфт: Барои ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ номае навиштам ва аз ӯ дар бораи корҳойе ки мардум дар сувги аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам анҷом медиҳанд пурсидам, пас барои ман навишт: Ёд кардан аз аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва тавсифи корҳои онон ва ситойиши онон ба ҳақ, ишколе надорад ва дурӯғ гуфтан дар бораи онон ва ифтиро задан бар онон қатъан ҳаром аст ва гириста бар масоъиби онон ва сурудани шеър барои онон харгоҳ рост бошад ишколе надорад ва задан ба сарҳо ва рӯйҳо ва синаҳо ва пуштҳо ба наҳве ки омма мекунанд кароҳат дорад; Ба далили сухани Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ки фармуд: <<Аз мо нест касе ки бар рӯйҳо мезанад ва геребоҳо медарад ва ба фарохони ҷоҳилият фаро мехонад>> Ва сухани он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ки фармуд: <<Ман аз ҳар касе ки мӯй канад ва шевон кунад ва ҷома дарад безорам>> Ва танҳо коре ки писандидааст гиристан аст ва фаротар аз он кори машрӯъе нест; Ба далили сухани Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ки фармуд: <<Ҳар чизе ки аз чашм ва аз дил барояд он аз Худованди баландмартаба ва аз раҳмат аст ва ҳар чизе ки аз даст ва аз забон барояд он аз шайтон аст>> Ва чунин аст роҳпаймоӣ дар замин бо парчамҳо ва аломатҳои ибдоъ шуда; Чароки ҳамаи онҳо бидъат аст ва ҳар бидъате гумроҳӣ аст ва ҳар гумроҳӣ ба оташ роҳ меёбад ва гирд омадан дар масҷидҳо ва хонаҳо барои мадҳи онон ва зикри мусибатҳошон ва гиристан барояшон ва таъзияти дӯстдоронашон ишколе надорад

ҳаргоҳ бо он дурӯғе ё носазое ё зарбае ё ҷарҳӣ ё исрофе ё таъхире дар намоз аз аввали вақташ набошад ва Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам бар фарзани худ Иброҳим гирист ва Хадиҷа алайҳо саломро ёд кард ва мадҳ фармуд ва бар ӯ гирист ва ба гиристан бар Ҳамза разияллоҳу анҳ ташвиқ намуд ва Фотима алайҳо салом бар Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам гирист ва ӯро мадҳ кард ва Саъид ибни Муъоз разияллоҳу анҳ дар назди қабраш мадҳ мешуд дар ҳоле ки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам мешунид ва аз он наҳй намекард, бинобарин ҳамаи ин корҳо суннат аст ва танҳо бидъат ҳаром аст.

**Шарҳи нома:**

Ривояти мазкур дар номаи он ҳазрат, чанд намуна аз ривоёте аст ки дар некуҳиши ниёҳат ва наҳй аз латма задан ба худ дар сувгворӣ расидааст ва мутавотири маънавӣ маҳсуб мешавад ва бо китоби Худованд созгорӣ дорад; Бо таваҷҷуҳ ба инки китоби Худованд, ҷазаъ кунандагон ба ҳангоми шарро некуҳида ва фармудааст: ﴿إِذَا مَسَّهُ الشَّرُّ جَزُوعًا﴾ (Маъориҷ/ 20); <<Ҳаногоме ки шар ба ӯ мерасад, бисёр ҷазаъ кунанда аст.>> Ва сабр кунандгон бар мусибатро сутуда ва фармудааст: ﴿وَلَا تَقُولُوا لِمَنْ يُقْتَلُ فِي سَبِيلِ اللَّهِ أَمْوَاتٌ ۚ بَلْ أَحْيَاءٌ وَلَٰكِنْ لَا تَشْعُرُونَ ۝ وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِنَ الْخَوْفِ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِنَ الْأَمْوَالِ وَالْأَنْفُسِ وَالثَّمَرَاتِ ۗ وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ ۝ الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُمْ مُصِيبَةٌ قَالُوا إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ ۝ أُولَٰئِكَ عَلَيْهِمْ صَلَوَاتٌ مِنْ رَبِّهِمْ وَرَحْمَةٌ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُهْتَدُونَ﴾ (Бақара/ 154-157); <<Ва ба касоне ки дар роҳи Худованд кушта мешаванд мурдагон нагӯйед, балки зиндагонанд, вале шумо намефаҳмед ва ҳароина шуморо ба чизе аз тарс ва гуруснагӣ ва нуқсон молҳо ва ҷонҳо ва маҳсулот меозмойем ва сабр кунандагонро башорат деҳ; Ҳамонон

ки чун мусибате ба онон мерасад мегӯянд: Мо барои Худоем ва мо ба сӯи Ӯ боз мегардем. Онон ҳастанд ки дурудҳо ва раҳмате аз Парвардигорашон бар онон аст ва онон ҳамон ҳидоят ёфтагонанд.>> Ва муроди он ҳазрат аз <<Аломатҳои ибдоъ шуда>> созҳои фалзӣ сангин ва салибмонанде дар миёни аҳли ташаюъ аст ки шохаҳое бар фарози худ дорад ва порчаҳо ва муҷассамаҳое бар рӯи он насб шудааст ва ҷоҳилони қавм онро бар дӯш мекашанд.

Барои хондани раҳнамудҳои дигаре аз он ҳазрат дар бораи сувгворӣ барои аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва аҳкоми он, ба гуфтори 41 муроҷиъа кунед.

# Номаи нуздаҳум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз фарҷоми гузаштагон ёд мекунад ва ба ҳокимони замин ҳушдор медиҳад.**

Ҳон эй ҳокимони замин ки ба иқтидори хеш меболед ва ба артишҳо ва силоҳҳоятон мағруред ва мепиндоред ки то абад ҳукм хоҳед ронд! Битарсед аз Худованд ки ҳукумат шойистаи Ӯст ва иқтидораш ҷаҳонро бар по дошта ва артишҳо ва силоҳҳояш осмон ва заминро пур кардааст; Чароки агар бихоҳад шуморо дар замин фуру мебарад, чунон ки ҳазор ҳазор соли баъд фусилатон аз он берун оварда шавад, пас аз фусили ҳазандагон тамйиз дода нашавад!

Ҳароина Ӯ пеш аз шумо умматҳои бисёреро дар хок фуру карда ё ба зери об фуру бурда, балки тамаддунҳоро нобуд сохта ва қорраҳоеро нопадид намудааст! Куҷост тамаддуни Байналнаҳранйн ки хостгоҳи асотир аст ва куҷост подшоҳии шукуҳманди Эрон ва Рум? Куҷо ҳастанд бано кунандагони аҳроми Миср ва касоне ки сангҳои азимро чун хиштҳои кӯчак бар ҳам мениҳоданд?! Куҷост Отлонтис он қорраи гум шуда ки мепиндоранд замоне вуҷуд доштааст?! Куҷоянд ақвоми гум шуда ки касе ҷуз Ӯ аз сарнавишти онҳо огоҳ нест?! Оё Ӯ Намрудро ҳалок накард ва Фиръавниёро ба дарё нарехт ва Оду Самудро аз замин барнадошт ва ононеро

ки ҳафт подшоҳи дар баробарашон саҷда мекарданд ва панҷсад барда тахтҳояшонро бар мекашиданд, дар ҳоле ки ҳар як гарданҳои афрошта ва синаҳои ситбар доштанд ва тиллову ҷавоҳир мебахшиданд ва лашкариёни азим меоростанд ва бар рӯӣ замин мехиромиданд ва месуруданд: <<Мо зӯровартар ва бартарем ва чи касе моро шикаст тавонад дод?!>> пас ононро шикаст дод ва биниҳошонро бар хок молид, чунон ки сускон дар гӯштҳошон мелӯлиданд ва сагҳо бар устухонҳошон шоша мекарданд!

Пас акнун чи чизе шуморо бар Ӯ ҷуръат додааст ки дар баробараш сар фуруд намеоваред, ҳангоме ки шуморо ба сӯяш фаро мехонам то ҳукуматашро бипазиред, пас ба сӯӣ ман сар бар намекунед ва даҳонҳотон бар ман хандон аст?! Оё тайёраҳотон ҷуз монанди магасҳое аст ки мепаранд ва мушакҳотон ҷуз монанди пашаҳое аст ки мегӯзанд ва лашкариёнатон ҷуз монанди мӯрчаҳое аст ки мераванд?! Бо як зилзила коххотон фуру хоҳад рехт ва бо як тӯфон шаҳрҳотон ҳамвор хоҳад шуд ва бо як сел осоратон маҳв хоҳад гардид! Кадомин иқтидор шуморо наҷот хоҳад дод ва кадомин артиш ва силоҳ ба шумо суд хоҳад расонд, ҳангоме ки амрози муҳлик дар миёнтон шуюъ ёбад ё обҳотон дар замин фуру равад ё чоҳҳои нафт ва гозатон бихушкад?! Агар дигар борон наборад чи хоҳед ошомид ва агар дигар гиёҳ нарӯяд чи хоҳед хӯрд?! Агар офат хонаҳотонро бигирад ба куҷо хоҳед рафт ва агар ваҳшат бар шумо муставлӣ шавад чигуна хоҳед хобид?! Кӯдаконатонро чигуна ором хоҳед кард ва занонатонро чигуна тасаллӣ хоҳед дод?!

Оё мепиндоред ки агар дар баробараш таслим нашавед, осебе нахоҳед дид ва агар ҳукуматашро

напазиред, мушкиле пеш нахоҳад омад?! Ҳароина марг бар шумо соя хоҳад андохт, бал чизе ки маргро аз он дӯсттар хоҳед дошт! Якдигарро хоҳед дарид ва аз пӯсти якдигар пӯстин хоҳед сохт! Падар сари писарро хоҳад бурид ва писар гӯшти падарро хоҳад хӯрд! Дар ҳамаи шаҳр занӣ пок ёфт нахоҳад шуд ва мардӣ амин ба даст нахоҳад омад; Чароки ҳамагӣ тардоман ва дузд хоҳанд буд! Монанди кирм дар палидӣ хоҳед хазид ва монанди хук дар лаҷан хоҳед парид! Ба падар ва модаратон дашном хоҳед дод ва бар рӯй хоҳар ва бародаратон оби даҳон хоҳед афканд! Худовандро инкор хоҳед кард ва растохезро ба сухра хоҳед гирифт! Барои шайтон саҷда хоҳед бурд ва барои шикам ва фарҷ ҷон хоҳед дод! Нафрати ҷисмониро хоҳед сӯхт ва хашм ҷонатонро хоҳад кост! Аз ҳар ду тан яке девона хоҳад буд, вале кадом як маълум нахоҳад буд! Хокатон бӯйи мадфуъ хоҳад дод ва обатон ранги эдрор хоҳад гирифт! Осмон шеван хоҳад кард, вале касе ба он гӯш нахоҳад супурд ва замин хун хоҳад баровард, вале касе ба он нахоҳад нигарист! То он гоҳ ки дар наҷосати худ ғарқ шавед ва монанди мурдоре дар намак истилоҳ гардед! Ин беҳтарин сарнавиши шумост агар дар баробари Худованд таслим нашавед ва ин хуштарин оқибати шумост агар ҳукуматашро напазиред!

Ман шуморо аз ин сарнавишт бим медиҳам то ба он дучор нашавед ва аз ин оқибат метарсонам то аз он растгорӣ ёбед, вале пайдост ки дар ҷаҳолат устуворед ва ҳушдорамро ҷиддӣ намегиред; Монанди кӯдаке ки бо оташ бозӣ мекунад ва монанди девонае ки ба сӯй шер медавад! Бо худ мегӯйед ки ин кист ва чи мегӯяд ва ҳукумати Худованд кадом аст ва хандазанон рӯй

мегардонед! Зуд бошад ки бидонед ман кистам ва чи мегӯям ва ҳукумати Худованд кадом аст, ҳангоме ки оташфишони хашмаш фаъол шавад ва гудозаи азобаш фаварон кунад ва дуди интиқомаш ба ҳаво бархезад ва ҷаҳонатонро дар торикӣ фуру барад ва хандаҳотонро ба гиря ва гиряҳотонро ба зачча мубаддал гардонад! Он рӯз манро хоҳед шинохт ва суханамро ба ёд хоҳед овард ва бар худ лаънат хоҳед фиристод ва хоҳед гуфт: <<Чи андоза ҷоҳил ва ғофил будем ва чи андоза зиён кардем ва бадбахт шудем>>!

Вой бар касоне ки ба ҷои халифаи Худованд халифае ва ба ҷои валии Худованд валие гирифтананд ва аз касе итоъат мекунанд ки Худованд ба итоъат аз ӯ амр накардааст; Чароки ба зудӣ пӯст аз сарашон бар меканад ва устухонашонро дар ҳам мешиканад ва ононро дар оташ меафканад, дар ҳоле ки фарёдрасе барояшон нест! Монанди хар бонг хоҳанд дошт ва монанди гург зуза хоҳанд кашид, ҳангоме ки дос бало ононро мечинад ва осиёби мусибат онон мекӯбад!

Ҳон эй инсон! Ту умри худро кардаи ва озмуни худро пас додаи! Заминро аз чирки худ мулаввас сохтаи ва осмонро бо дуди худ сиёҳ намудаи! Дарёҳо наҷосататро татҳир намекунанд ва куҳҳо бузургии гуноҳатро намепӯшонанд! Дастонат ба хун олуда аст ва аз даҳонат оташ забона мекашад! Шаҳватат шаҳрҳоро ғарқ карда ва ғазабат рустоҳоро сӯзондааст! Барои қудрат ба ҷиноят даст ёзидаи ва барои сарват ба ғорат рӯй овардаи! Ба ман бигӯ то кай чунин тоғӣ хоҳӣ буд ва то куҷо чунин соқит хоҳӣ шуд! Оё вақти он нарасидааст ки боз истӣ?! Оё вақти он нарасидааст ки боз гардӣ?!

Ҳон эй мардум! Огоҳ бошед ки азоби Худованд ба шумо наздик шудааст; Ман овояшро мешунавам ва бӯяшро истишмом мекунам ва сояашро мебинам, вале бештари шумо ғофилед! Агар сари наҷот доред, манро бо шумо насиҳате аст; Аз Парвардигоратон омӯрзиш бихоҳед ва ба сӯи Ӯ тавба кунед ва аз касе фармон баред ки Ӯ татҳираш карда ва ҳидояташ намудааст, ҳамон ки васфашро дар суҳуфи паёмбарон меёбед ва номашро дар кутуби гузаштагон мехонед, на аз касе ки ақлӣ андак ва иддаъоӣ бисёр дорад ва аз ҳавои нафс пайравӣ мекунад ва бисёр мустабид ва ситезаҷӯст. Он гоҳ хоҳед дид ки замин аз адолат пур мешавад, чунон ки аз зулм пур шуда ва адолат аз асал ширинтар ва аз кара нармтар ва аз барф покизатар аст. Пас агар ибо кардед бидонед ки ҳукумататон шуморо аз Худованд наҷот нахоҳад дод ва артишҳо ва силоҳҳоятон шуморо аз Ӯ ҳифз нахоҳад кард, ҳамон гуна ки ҳукумати гузаштагон ононро аз Ӯ наҷот надод ва артишҳо ва силоҳҳояшон ононро аз Ӯ ҳифз накард, ҳангоме ки хашмаш бар онон афрухта шуд ва азобаш бар онон фуруд омад!

Инак эй саркашон! Дар интизори нобудӣ бошед; Зеро ба шумо гуфтам ки Худованд дар ҳол гузар аст, пас аз сари роҳаш канор биравед, вале аз сари роҳаш канор нарафтед ва гуфтед ки роҳ фарох аст; Пас ногузир аз рӯи шумо убур хоҳад кард ва шуморо поюмол хоҳад сохт ва он гоҳ ёфт нахоҳед шуд, магар дар зери хокҳо ва лобалои сангҳо ва решаҳо!

**Шарҳи нома:**

Агар касе бо ин номаи шигифтовар ва нуронӣ, аз хоби ғафлат бернахезад ва аз азоби Худованд наҳаросад ва

аз пайравии тавоғит даст барнадорад ва ба заминасозӣ барои ҳукумати Худованд рӯй наёварад, бегомон ба санг ё чизӣ сахтар аз он табдил шудааст! Ҳоҷат ба баён нест ки муроди аз он ҳазрат аз касе ки Худованд <<Татҳираш карда ва ҳидояташ намудааст, ҳамон ки васфашро дар саҳифаи памбарон меёбед ва номашро дар кутуби гузаштагон мехонед>>, имом Маҳдӣ алайҳи салом аст ки васфаш дар суҳуфи паёмбарон омада ва номаш дар кутуби ҳамаи мазоҳиби Исломӣ мазкур аст ва заминасозӣ барои зуҳураш бузургтарин таклифи мусалмонони ҷаҳон маҳсуб мешавад, то ҳадде ки худдоришон аз он табаъотӣ чунин вахим дорад ва ба фарҷоме чунон ҳувлнок меанҷомад.

Барои ошноӣ бо чигунагии заминасозӣ барои зуҳури имом Маҳдӣ алайҳи салом, ба бахши ошноӣ бо наҳзат муроҷиъа кунед.

# Номаи бистум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат ки дар он аз рӯзи растохез ёд мекунад ва аз фарҷоми дунёгарой бим медиҳад.**

Ин қавмро бубин ки чигуна дар ҳам омехтаанд ва барои даст ёфтан ба бартарӣ по бар сари ҳам мегузоранд; Бо дурғҳо ва найрангҳо, бо ғайбатҳо ва тӯҳматҳо, бо дашномҳо ва таҳқирҳо, бо чоплусиҳо ва дурӯйиҳо, бо ҳасодатҳо ва хиёнатҳо, бо худхоҳиҳо ва тангназариҳо, бо айбҷӯйиҳо ва лаҷбозиҳо, бо сухан чиниҳо ва пардадариҳо, бо кинатузиҳо ва буридани пайвандҳо; Монанди магасҳое ки барои нишастан бар мадфуъе бо ҳам меситезанд! Оё мепиндоранд ки фурсат доранд то ба ҳар ончи мехоҳанд даст ёбанд! Мегӯянд ки имсол чунин хоҳем кард ва соли дигар чунон, дар ҳоле ки намедонанд фардо зинда хоҳанд буд ё мурда ва тандуруст хоҳанд буд ё бемор ва бениёз хоҳанд буд ё таҳидаст ва озод хоҳанд буд ё гирифтор ва дар амон хоҳанд буд ё ҳаросон! Чунин нест, балки умраҳошон кӯтоҳтар аз орзуҳошон аст ва маргҳошон наздиктар аз чизе аст ки меҷӯянд; Ҳангоме ки ҳодиса ононро ғофилгир мекунад ва ҷонро аз пайкарашон берун мекашад, чунон ки сихеро аз кабоб; Пас бар дастҳо бардошта мешаванд ва дар гӯрҳо гузошта мешаванд ва дар танги торик танҳо мемонанд, дар ҳоле ки баста шудани рӯзанаҳоро мебинанд ва резиши сангрезаҳоро

мешунаванд ва ҳаракати мӯриҳоро эҳсос мекунанд ва намедонанд ки оё бар ончи пушти сар ниҳодаанд андӯҳгин бошанд, аз занони дармонда ва фарзандони хурдсол ва талабкорони нобурдбор ва амволи пароканда ва амлоки бесомон ва корҳои нотамом, ё аз ончи пеши рӯ доранд нигарон бошанд, аз ҷаҳон ношинохта ва мавҷудоти бегона ва ҳуқуқи домангир ва таколифи нокарда ва ҳисоби душвор ва иқоби ҷонкоҳ ва даҳшати рӯзе ки осмон дар он бар меошӯбад ва замин дар он зер ва рӯ мешавад ва хуршед дар он торик мегардад ва ситорагон дар он фурӯ мерезанд ва кӯҳҳо дар он фурӯ мепошанд ва дарёҳо дар он ба ҷӯш меоянд ва амвол дар он роҳ мешаванд ва мурдагон дар он мехезанд ва зиндагон дар он мегурезанд ва дилҳо дар он ба ҳулқум мерасанд, на берун меоянд то яксара кунанд ва на ба ҷойи худ боз мегарданд то осуда; Рӯзе ки ҷаҳон пас аз пайдоиш, монанди онро надида; Рӯзе монанди рӯзи пайдоиш, балки саҳмгинтар аз он!

Огоҳ бошед ки растохез наздик шуда ва ожири он ба садо даромадааст! Зуд бошад ки ба боло бингаред ва осмонро набинед ва ба пойин бингаред ва заминро нашиносед; Ҳангоме ки чунон тахтае бар мавҷ, боло ва пойин шавед ва чунон пире дар бод, чапу рост гардед, ва надонед ки шаб аст ё рӯз ва хобед ё бедор ва мурдаед ё зинда; Ҳангоме ки занони бордор, бори худро бияндозанд ва модарони ширдор, ширхори худро вогузоранд ва кӯдакони хурдсол, мӯй сапед гардонанд ва далерони бебок, қолиб таҳи намоянд ва ҳар чиз ба асли худ бозгардад ва ҳар кас ҷуз ба худ наяндешад; Он гоҳ аз коре ки кардаед огоҳ хоҳед шуд ва сазои онро батамомӣ хоҳед дид; Агар ба гумоштаи Худованд

гаравидаед ва ӯро бо даст ва забон ёрӣ расондаед, амон хоҳед ёфт; Чароки беҳтарин корро анҷом додаед ва агар ба гумоштаи дигарон гаравидаед ва ӯро бо даст ва забон ёрӣ расондаед, вой ба ҳолатон хоҳад буд; Чароки бадтарин корро анҷом додаед; То касоне аз шумо ки пуштибони ситамкоронанд ки онон рӯзи сахте хоҳанд дошт ва ба даррае пур аз дуд ва оташ партоб хоҳанд шуд; Даррае ки жарфнои он аз осмон то замин аст ва дар он оби ҷӯшон ва санги гудозон.

# Номаи бисту якум

## Номае аз он ҳазрат дар бораи аҳкоми намози маййит

أَخْبَرَنا الْحَسَنُ بْنُ مُحَمَّدصادِقٍ الْإِصْفَهانِيُّ، قالَ: ماتَ رَجُلٌ مِنْ أَهْلِ بَيْتِي فَكَتَبْتُ إِلَى الْمَنْصُورِ أَسْأَلُهُ عَنِ الصَّلاةِ عَلَى الْمَيِّتِ، فَكَتَبَ لِي:

«السُّنَّةُ فِيها خَمْسُ تَكْبِيراتٍ وَ لَوْ نَقَصْتَ واحِدَةً أَوْ زِدْتَ فَلا بَأْسَ وَ لَيْسَ فِيها دُعاءٌ مُوَقَّتٌ فَتَقُومُ بِحِذائِهِ مُسْتَقْبِلاً لِلْقِبْلَةِ فَتُكَبِّرُ فَتَقُولُ:

بِسْمِ اللَّهِ وَ بِاللَّهِ وَ إِنّا لِلَّهِ وَ إِنّا إِلَيْهِ راجِعُونَ أَشْهَدُ أَن لا إِلهَ إِلّا اللَّهُ وَحْدَهُ لا شَرِيكَ لَهُ وَ أَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَ رَسُولُهُ أَرْسَلَهُ بِالْهُدَىٰ وَ دِينِ الْحَقِّ لِيُظْهِرَهُ عَلَى الدِّينِ كُلِّهِ وَ لَوْ كَرِهَ الْمُشْرِكُونَ،

ثُمَّ تُكَبِّرُ فَتَقُولُ:

الْحَمْدُ لِلَّهِ وَ سَلَامٌ عَلَى عِبَادِهِ الَّذِينَ اصْطَفَى آللَّهُ خَيرٌ أَمَّا يشْرِكُونَ اللّهُمَّ صَلِّ عَلىٰ مُحَمَّدٍ وَ عَلىٰ آلِ مُحَمَّدٍ كَما صَلَّيْتَ عَلىٰ إِبْراهِيمَ وَ عَلىٰ آلِ إِبْراهِيمَ وَ بارِكْ عَلىٰ مُحَمَّدٍ وَ عَلىٰ آلِ مُحَمَّدٍ كَما بارَكْتَ عَلىٰ إِبْراهِيمَ وَ عَلىٰ آلِ إِبْراهِيمَ إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ،

ثُمَّ تُكَبِّرُ فَتَقُولُ:

رَبَّنَا إِنَّنَا سَمِعْنَا مُنَادِيا يِنَادِي لِلْإِيمَانِ أَنْ آمِنُوا بِرَبِّكُمْ فَآمَنَّا رَبَّنَا فَاغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَ كَفِّرْ عَنَّا سَيِّئَاتِنَا وَ تَوَفَّنَا مَعَ الْأَبْرَارِ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَ لِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَ لَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ رَبَّنَا اغْفِرْ لِحَيِّنا وَ مَيِّتِنا وَ ذَكَرِنا وَ أُنْثانا وَ شاهِدِنا وَ غائِبِنا وَ صَغِيرِنا وَ كَبِيرِنا اللّهُمَّ مَنْ أَحْيَيْتَهُ مِنّا فَأَحْيِهِ عَلَى الْإِسْلامِ وَ مَنْ تَوَفَّيْتَهُ مِنّا فَتَوَفَّهُ عَلَى الْإِيمانِ،

ثُمَّ تُكَبِّرُ فَتَقُولُ:

اللّهُمَّ هٰذا عَبْدُكَ ابْنُ عَبْدِكَ تَوَفَّيْتَهُ وَ هُوَ مُحْتاجٌ إِلىٰ رَحْمَتِكَ وَ أَنْتَ غَنِيٌّ عَنْ عَذابِهِ فَارْحَمْهُ وَ لا تُعَذِّبْهُ فَإِنَّهُ كانَ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ وَ أَنْتَ كَما قُلْتَ بِالْمُؤْمِنِينَ رَحِيمٌ فَاغْفِرْ لَهُ ذُنُوبَهُ وَ كَفِّرْ عَنْهُ سَيِّئاتِهِ وَ تَقَبَّلْ مِنْهُ حَسَناتِهِ وَ أَدْخِلْهُ الْجَنَّةَ بِرَحْمَتِكَ يا أَرْحَمَ الرّاحِمِينَ،

ثُمَّ تُكَبِّرُ وَ تَنْصَرِفُ.»

## Тарҷумаи нома:

Ҳасан ибни Муҳаммади Содиқи Исфаҳонӣ моро хабар дод, гуфт: Марде аз хонаводаи мо даргузашт, пас барои Мансур навиштам ва аз ӯ дар бораи намоз бар маййит пурсидам, пас бароям навишт:

> <<Суннат дар он панҷ такбир аст ва агар яке кам кунӣ ё бияфзойи ишколе надорад ва дар он дуъои муъаяне нест, пас муқобили ӯ дар ҳоле ки рӯй ба Қибла дорӣ меистӣ, он гоҳ такбир мегӯйи пас мегӯйи:
>
> Ба номи Худованд ва бо Худованд ва мо барои Худованд ҳастем ва ба сӯи Ӯ боз мегардем, гувоҳӣ медиҳам ки ҷуз Худованд худойе нест, ягона аст ва шарике надорад ва гувоҳи медиҳам ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст ки ӯро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод то ӯро бар ҳар дине пирӯз гардонад агарчи мушрикон кароҳат дошта бошанд,
>
> Сипас такбир мегӯйи пас мегӯйи:
>
> Ситойиш барои Худованд ва дуруд бар он бандагонаш ки ононро баргузид, оё Худованд

беҳтар аст ё чизе ки шарик қарор медиҳанд?! Худовандо! Бар Муҳаммад ва бар оли Муҳаммад салавот фирист чунонки бар Иброҳим ва бар оли Иброҳим салавот фиристодӣ ва бар Муҳаммад ва бар оли Муҳаммад баракат фирист чунонки бар Иброҳим ва бар оли Иброҳим баракат фиристодӣ, ба ростӣ ки Ту сутуда ва шукуҳмандӣ,

Сипас такбир мегӯйи пас мегӯйи:

Парвардигоро! Мо шунидем нидо диҳандаеро ки нидо медод ба Парвардигоратон имон оваред, пас имон овардем, Парвардигоро! Пас гуноҳонамонро биёмӯрз ва бадиҳоямонро бипӯшон ва моро ба ҳамроҳи некон бимирон, Худовандо! Мо ва бародаронамон ки дар имон бар мо пешӣ гирифтандро биёмӯрз ва дар дилҳомон кинае аз касоне ки имон оваранд қарор надеҳ, Парвардигоро! Ба ростӣ ки Ту раъуф ва меҳрубонӣ, Парвардигоро! Зиндагон ва мурдагон ва мардон ва занон ва ҳозирон ва ғойибон ва кӯчакон ва бузургони моро биёмӯрз, Худовандо! Ҳар кас аз мо ки ӯро зинда медорӣ бар Ислом зинда бидор ва ҳар кас аз мо ки ӯро мемиронӣ бар имон бимирон,

Сипас такбир мегӯйи пас мегӯйи:

Худовандо! Ин бандаи Ту писари банди Туст, ӯро аз дунё бурдӣ ва ӯ ниёзманд ба раҳмати Туст ва Ту аз азоби ӯ бениёзӣ, пас ӯро раҳмат кун ва азоб накун; Чароки ӯ аз мӯъминон буд ва Ту чунонки фармудӣ бо мӯъминон

мехрубон ҳастӣ, пас гуноҳони ӯро биёмӯрз ва бадиҳои ӯро бипӯшон ва некиҳои ӯро қабул кун ва ӯро ба Биҳишт даровар, бо раҳматат эй меҳрубонтарини меҳрубонон,

Сипас такбир мегӯйи ва бар мегардӣ>>.

**Шарҳи нома:**

Барои хондани шарҳи ин номаи нуронӣ, ба пурсиш ва посухи 338 мурочиъа кунед.

# Номаи бисту дуввум

**Фарозе аз номаи он ҳазрат барои марде ки дар он аҳволашонро васф мекунад ва аз оқибати корашон бим медиҳад.**

Охиратро аз ёд бурдаед ва дар дарёи пур талотуми дунё ғарқ шудаед. Дағдағаҳои зиндагӣ, шуморо машғул карда ва афсунӣ асри ҷадид, шуморо масх намудааст. Дигар ба чизе ҷуз шикамҳотон намеандешед ва барои дини худ ғусса намехуред; Дине ки ақойиди онро намешиносед ва аз аҳкоми он огоҳ нестед. Ҳамнишиони ҷаҳлед ва ҳамсоягони бехабарӣ! Аз бузургонатон тақлид мекунед ва ақли худро ба кор намеандозед! Ҳар рӯз дар пайи касе меравед ва худро бо чизе саргарм месозед! Мусалмон ҳастед ва нестед ва имон доред ва надоред! Дигар муштоқи Биҳишт нестед ва аз дӯзах намеҳаросед! Орзуҳотон дароз шуда, дар ҳоле ки умарҳотон кӯтоҳ гардидааст! Имони шумо суст ва тақвоятон андак шудааст. Ахлоқи шумо паст гардида ва гуноҳонатон фузунӣ гирифтааст. Дилҳотон санг ва синаҳотон танг шудааст. Ростӣ аз зиндагиҳотон рафта ва дурӯғ ба ҷойи он омадааст. Муҳаббат аз миёни шумо бархоста ва нафрат ба ҷойи он нишастааст. Кӯчаки шумо ба бузургатон эҳтиром намегузорад ва бузурги шумо бо кӯчакатон меҳр намеварзад. Баракат аз зиндагии шумо рафта ва рудҳотон камоб шудааст. Осмон бо шумо қаҳр

кардааст ва маҳсули заминҳотон хуб нест. Ба вазъи ҳувлноки худ одат кардаед ва маризе ки руҳатонро гирифтааст эҳсос намекунед. Пас инки бо овози ман ҳангоме ки фарёд мезанам бедор шавед ва бо асои ман ҳангоме ки бар паҳлуҳотон менавозам ба худ ойед; Вагарна ин ғафлат ва ноогоҳӣ монанди оташӣ сӯзон ки забонаҳои тарснокаш ғарш мекунад ва дуди ғализаш, роҳи нафасро бар шумо мебандад, зиндагитонро фаро мегирад ва рӯзатонро ба шабӣ торик мубаддал месозад!

# Ал-Калимуттаййиб

**Ҳало эй мардум! Бимнок бошед; Чароки шумо бидуни ҳидояте аз ҷониби Худо диндорӣ кардаед ва ба роҳҳои ношинохта гом ниҳодаед ва дар гиру дори дигаргуниҳои замон ранг бохтаед ва дар кашо каши фитнаҳои ҷаҳон дар ҳам шикастаед ва акнун пайрави касоне шудаед ки Худованд пайравии ононро аз шумо нахостааст; Пас авлиёъатон шуморо аз нур ба торикӣ берун овардаанд ва бароятон дар дин чизеро ташриъ кардаанд ки Худованд ба он изн надода; Чунонки фармудааст:** «أَمْ لَهُمْ شُرَكَاءُ شَرَعُوا لَهُمْ مِنَ الدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنْ بِهِ اللَّهُ ۚ وَلَوْلَا كَلِمَةُ الْفَصْلِ لَقُضِيَ بَيْنَهُمْ ۗ وَإِنَّ الظَّالِمِينَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ» **(Шуроъ/ 21); <<Ё барои онон пешвоёне аст ки барояшон чизе аз динро ташриъ кардаанд ки Худованд ба он изн надодааст ва агар набуд банои бар ҷудоӣ, миёни онон ҳукм мешуд ва ҳароина ситамкоронро азобӣ дарднок хоҳад буд>>.**

**(Ал-Калимуттаййиб/ 39)**

Дафтари ҳифз ва наши осори
Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
www.alkhorasani.com